МАРЗ: ЯК КУШТА, ЯК ЗАХМӢ ВА ВАЗЪИ МУТАШАННИҶ с.3

РАҲИМИ ҒАРМӢ БА БАХТИЁР РАҲИМОВ ХОНА ДОД с.10

ДАР КАДОМ КИШВАРИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ МАОШ ЗИЁД АСТ? с. 4

ТОҶИКИСТОН

№24 (1483) 15.06.22 Оғози нашр: марти 1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якмост!

ХУДО КУ ГУФТЕД, БЕРДИАШРО ҲАМ ГЎЕД!





ҶАМЪИЯТИ ПАРОКАНДАИ ЖУРНАЛИСТОН

Ё чаро аҳли қалам иттиҳод надоранд? с.5

ДОВАТАЛАБ 2022

Аз бақайдгирӣ то имтиҳонсупорӣ. Чиро бояд донист? с.8

ҲАВЗҲОИ ШИНОВАРӢ

Тафреҳи сарватмандон ва ангуштгазии камбағалон с.5

УМРИ ЯКАСРА

Дарозумртарин сокинони Тоҷикистон дар куҷо иқомат мекунанд? с.6

1-УМИ АВГУСТ

Хонандагони синфи якум ба мактаб мераванд с.10

ВАРЗИШ

Тоҷикистон бори аввал ба финал баромад с.15

КАНЗИ ШИФО

Об – давои диабети қанд ва фишорбаландӣ с.13



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
Журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
Профессор, чомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Мухтор БОҚИЗОДА,
шореҳи сиёсӣ

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj



10 САФИРИ НАВ БА ПРЕЗИДЕНТ ЭЪТИМОДНОМА СУПОРИДАНД

15-уми июн Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон аз 10 сафири нави фавқулодда ва мухтори кишварҳои хориҷӣ эътимоднома қабул кард.

Зимни маросими эътимоднома супорӣ ба Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон сафирони фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин Тсзи Шумин, Ҷумҳурии Қазоқистон Туреханов Валихан, Қирғизистон Абдилдаев Эрлан, Маҷористон Рона Отта Иван, Испания Хорхе Урбиола Лопес де Монтенегро, Индонезия Моҳаммад Фаҷрол Раҳман, Таиланд Чатчаван Сакорсин, Марокаш Муҳаммад Рашид Маанин, Бразилия Олинсо Виейра ва Доминикан Франк Ҳанс Данненберг Кастелянос, эътимодномаҳоро бо паёму дуруд аз роҳбарияти кишварҳои хеш тақдим карданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ҳамаи сафиронро ба муносибати оғоз гардидани фаъолияти дипломатиашон дар ин маснади пуршарафу ҳамзамон сермасъул дар Тоҷикистон табрику таҳният гуфта, бо итминон иброз дошт, ки сафирон бо талошу фаъолияти самарабахши худ чиҳати такони тоза бахшидан ба муносибатҳои шарикии кишварҳои мо дар арсаҳои гуногуни ҳамкорӣ саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

ҚОЧОҚИ ПУЛИ КАЛОН АЗ ӮЗБЕКИСТОН БА ТОҶИКИСТОН ПЕШГИРӢ ШУД

Кормандони Хадамоти давлатии амнияти Ӯзбекистон дар вилояти Тошканд якҷо бо кормандони гумруку марзбонӣ ду занро дастгир карданд, ки мехостаанд бо роҳи қочоқ аз тариқи гузаргоҳи осонгузари "Казарма" дар марзи Бекобод бо вилояти Суғд маблағи калони асъори хориҷиро ба Тоҷикистон баранд.

Хадамоти давлатии амнияти Ӯзбекистон видеои лаҳзаи боздошти ин ду зан ва мусодираи маблағи бузурги асъори хориҷиро низ нашр кард.

Дар навор гуфта мешавад, ки ҳангоми кофтукоби шахсӣ аз зани 42-солаи сокини шаҳри Бекобод 166 ҳазор доллар ва аз шарики 28-солаи ӯ 190 ҳазор доллар ёфт шуд. "Ҳамчун далели шайъӣ аз ин ду нафар 356 ҳазор доллар пули нақд гирифта шудааст. Маълум шуд, ки онҳо бо хоҳиши як шаҳрванди Тоҷикистон бо номи Маҳмуд аз нафарони ношинос дар шаҳри Бекобод ин маблағи бузурги асъори хориҷиро гирифта, дар даруни либос пинҳон кардаанд ва дар ивази ҳаққи муайян кӯшиш карданд, ки ин ҳама пулро ба Тоҷикистон баранд",- гуфта мешавад дар навор.

Дар робита ба ин ҳодиса парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст.

РОНАНДАИ ФИРОРӢ ДАР МАРГИ НОБОЛИҒ АЙБДОР АСТ

Ронандае, ки хонандаи мактабро бо мошинаш пахш карду фирор намуд, дастгир шудааст. Ӯ сокини шаҳри Бохтар буда, барои ба ҳалокат расидани Маҳмадуллои 12-сола айбдор мебошад.

Дар натиҷа пиёдагарди ноболиғ Абдуллоев М. Б. ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардошта, ҳангоми ба беморхона дастрас намудан, дар роҳ ба ҳалокат расидааст.

Зимни гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-чустуҷӯӣ аз ҷониби кормандони милитсия, ронандаи автомашинаи дар боло зикргардида, Нуров Мавлоно Миралиевич, сокини ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҷойгир аст, дидан намуда, ба фаъолияти боғдорон баҳои баланд додааст.

БОҒДОРОНИ СУҒД БЕШ АЗ 5000 ТОННА МЕВА СОДИРОТ КАРДАНД

Дар шаҳру ноҳияҳои нисбатан гарми вилояти Суғд ҷамъоварии меваҷот оғоз ёфта, то имрӯз боғпарварони вилоят беш аз 5000 тонна мева содирот намудаанд.

Дар ин бора зимни боздиди раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода аз Муассисаи давлатии «Боғи миллии Ваҳдат» маълумот дода шудааст.

Бино ба иттилои хадамоти матбуоти раиси вилояти Суғд, раиси вилоят аз қитъаи боғҳои себ, зардолу ва бодоми «Боғи миллии Ваҳдат» бездид карда, барои ҷамъоварии ҳосили пухта расида, махсусан зардолуву гелос ва банду басти он ба масъулин тавсияҳо додааст.

Таъкид карда шудааст, ки "коргарони «Боғи миллии Ваҳдат» ҳамасола миқдори зиёд меваҳои хуштамъро ҷамъоварӣ ва пешниҳоди бозори истеъмолӣ мекунанд. Соли ҷорӣ низ меваҳои дар ин муассиса истеҳсолшаванда вориди бозорҳои вилоят гардида, саҳми боғдорон дар таъмини бозори дохилӣ бо меваҳои гуногун шоиста мебошад".

Дар идома раиси вилоят аз боғу токзори ҶДММ «Зерновая компания» ва соҳибкори инфиродӣ Дадохон Очилов, ки дар ҷамоати деҳоти Исмоили ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ҷойгир аст, дидан намуда, ба фаъолияти боғдорон баҳои баланд додааст.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

САРИ САБЗ



Гулсифат ШАҲИДӢ, нависандаи тоҷик

- Узв будану набудан (узви ИНТ,- ред.) барои инсони эҷодкор муҳим нест. Дар хориҷа хостанд, маро ба узвият пазируфтанд, дар ин ҷо нахостанд ва қабул накарданд. Муҳим, хонандаам маро қабул кард.

- Зиқ нашавед, муаллима. Шояд таҳлилгарони Иттифоқи нависандагони мо аз хориҷиҳо дида бақувваттар ва талаботашон сахттар бошад. Барои ҳамин…



Лола НАСРИДДИНОВА, мудири созмони "Ирода"

- Мо бо Вазорати тандурустӣ ва пизишкон ҳамкории наздик дорем, дар бораи аутизм нақл мекунем. Бисёр духтурҳо инро мефаҳманд. Падару модарон дигар ҳарос надоранд.

- Беҳтарин аст. Дар бораи дигар бемориҳо низ ба духтурҳо нақл кардан лозим, то ҳангоми табобат мизоҷон имтиёз дошта бошанд.



Маҳбуба ШОҲСАФУЛЛО, роҳбари Анҷумани тоҷикони Ҳоланд

- Пеш аз ба Ҳоланд омадан ман таҷрибаи кор дар Анҷумани муҳоҷирони кории Русияро доштам. Ба парлумони Русия баъзе пешниҳодҳои худро манзур кардем, ки ба нафъи муҳоҷирони тоҷик буд.

- Э, офарин, қандатона занед! Боз мо фикр карда шиштем, ки ин қадар "сабукиҳо" барои муҳоҷирони тоҷик хизмати кӣ бошад!?

НООРОМӢ ДАР МАРЗ

Як кушта, як захмӣ ва нигаронӣ аз вазъи муташанниҷ

Субҳи 14-уми июн сарҳадбонони Қирғизистон ба дидбонгоҳи "Кех"-и Тоҷикистон, ки дар ҷамоати Ворух воқеъ аст, ҳамлаи ногаҳонӣ намуданд. Мақомоти Тоҷикистон ин ҳамларо иғвоангезона ва ҷониби Қирғизистон вазъро дар марз муташанниҷ арзёбӣ мекунанд. Тайи 10 рӯзи охир ин дуввумин даргирӣ дар марзи ду кишвар аст.



Ҳамлаи ногаҳонӣ

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон дар робита ба муноқишаи рӯзи 14-уми июн дар марз бо Тоҷикистон изҳорот пахш намуда, марзбонони Қирғизистонро дар тирпарронии ногаҳонӣ дар мавзеи "Кех"-и Ворух муттаҳам кард ва онро амали таҷовузкорона ва иғвои навбатӣ унвон намуд.

Дар изҳороти ин ниҳод гуфта мешавад, ки соати 06:00 ба вақти маҳаллӣ дидбонгоҳи сарҳадии мазкур аз ҷониби хизматчиёни ҳарбии Қирғизистон бо истифода аз яроқи гурӯҳӣ ва миномётҳо ба ҳамлаи ногаҳонӣ гирифтор шуд.

"Дар натиҷаи ин амали таҷовузкоронаи беасос командири дидбонгоҳи сарҳадии "Кех" ҷароҳат бардошта, ба беморхонаи ҷамоати деҳоти Ворух интиқол гардид. Айни замон вазъи саломатии ӯ аз ҳад вазнин арзёбӣ мегардад",- омадааст дар изҳороти вазорат.

Ёдовар мешавем, ки дар даҳ рӯзи охир ин дуюмин даргирӣ дар марзи Тоҷикистон ва Қирғизистон аст.

Субҳи рӯзи 3-юми июн миёни марзбонони қирғизу тоҷик дар ин мавзеъ тирпарронӣ рух дода буд. Он замон шоҳидони ҳодиса дар ҷамоати Ворух ҷузъиёти онро шарҳ дода, гуфта буданд, ки "марзбонони қирғиз ба тарафи марзи Тоҷикистон ворид шуда, тирпаррониро шуруъ намудаанд. Дар натиҷаи ин амал марзбонони тоҷик ҳам тири ҷавобӣ кушодаанд ва қирғизҳо ба қафо баргаштаанд".

Оташбаси муваққат

Субҳи 14-уми март, соати 07:30-и субҳ дар натиҷаи "гуфтушуниди изтирорӣ бо ибтикори Тоҷикистон ҷонибҳо дар мавриди оташбас ба мувофиқа расиданд".

Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон мегӯяд, дар натиҷаи гуфтушунидҳои фаврӣ, ки бо ташаббуси Душанбе сурат гирифт, "оташбас муяссар гардид", аммо тафсилот надодааст, ки тарафҳо чӣ гуфтанду чӣ шуниданд.

Хадамоти марзбонии Қирғизистон мегӯяд, ду тараф тавофуқ кардаанд, ки хати ҳаракати марзбонҳоро дар минтақаи "Булоқ-Бошӣ" дақиқ карда, неруҳои иловагиро ба ҷойҳои доимияшон бармегардонанд.

Раҳбарони дидбонгоҳи "Булоқ-Бошӣ"-и Қирғизистон ва "Кех"-и Тоҷикистон вазифадор шудаанд, ки ҳар рӯз вохӯрда, дар бораи вазъи сарҳад табодули иттилоъ кунанд. Илова бар ин, ҷонибҳо розӣ шудаанд, ки хандақҳои қаблан кофтаи худро пур карда, ба кори деҳқонҳо дар наздикии марз халал нарасонанд.

Қурбонии навбатӣ

Дар ҳоле, ки манобеи расмӣ аз захмӣ шудани як сарҳадбон иттилоъ медиҳанд, Радиои "Озодӣ" ва "Спутник" хабар медиҳанд, ки дар муноқишаи рӯзи 14-уми июн як сарҳадбони 26-солаи тоҷик кушта шудааст. Ҷониби Тоҷикистон кушта шудани сарбозро тасдиқ ё рад накардааст. Дар изҳороти Вазорати корҳои хориҷӣ низ аз марги сарҳадбон гуфта нашудааст.

Вале расонаҳо менависанд, ки марзбони кушташуда - Муродбек Маҳмадқулов аз ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон аст, ки то анҷоми хизматаш ҳамагӣ чанд моҳ монда буд. Раиси ҷамоати Навзамини ноҳияи Дӯстии вилояти Хатлон хабар медиҳад, ки ҷасади Муродбек Маҳмадқуловро субҳи 15-уми июн ба деҳаи Умед оварданд ва ба хок супориданд.

Ин аллакай сарбози дуюм аз ноҳияи Дӯстӣ мебошад, ки аз тири сарбозони Қирғизистон кушта мешавад. Моҳи апрел Зоҳир Саидмуродов, сарбози дигаре аз ноҳияи Дӯстӣ дар задухӯрди марзӣ дар Исфара аз сӯи неруҳои қирғиз кушта шуд.

> **ДАР МУНОҚИШАИ РӮЗИ 14-УМИ ИЮН САРҲАДБОНИ 26-СОЛАИ ТОҶИК МУРОДБЕК МАҲМАДҚУЛОВ АЗ НОҲИЯИ ДӮСТӢ КУШТА ШУД, КИ ҶАСАДИ ӮРО 15-УМИ ИЮН БА ХОК СУПОРИДАНД.**

Нигаронии Тоҷикистон

Мақомоти Тоҷикистон аз он изҳори нигаронӣ мекунанд, ки ҳамлаҳо аз ҷониби Қирғизистон мунтазам мешаванд. "Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, ҷониби Тоҷикистон бо таассуф таъкид мекунад, ки амалҳои иғвоангезонаи Қирғизистон бар зидди Тоҷикистон хусусияти мунтазам гирифтаанд",- зикр шудааст дар изҳорот.

- Ин амалҳои ғайриқонунӣ вазъият дар сарҳадро танҳо мушкил карда, ба нигоҳдории фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамсоягии дӯстона мусоидат намекунад,- омадааст дар идома.

Дар охир гуфта мешавад, ки "Тоҷикистон амалҳои иғвоангезонаи хизматчиёни ҳарбии Қирғизистонро маҳкум карда, аз ҷониби Қирғизистон талаб мекунад, то ҷиҳати пешгирии чунин муноқишаҳо дар оянда чораҳои бетаъхир андешад".

Тақрибан нисфе аз марзи 970-километрии Тоҷикистону Қирғизистон таъйину аломатгузорӣ нашудааст ва аз ин сабаб байни сокинони ду тарафи марз барои обу замину чарогоҳ муноқиша сар мезанад.

Моҳи апрели имсол як марзбони тоҷик дар натиҷаи тирандозӣ кушта шуд ва ду марзбони қирғизу чаҳор ғайринизомӣ захм бардоштанд. Моҳи апрели соли 2021 муноқиша бо ширкати марзбонони тоҷику қирғиз аз ҳарду тараф даҳҳо куштаву захмӣ барҷой гузошт.

Қаблан, Содир Ҷабборов - президенти Қирғизистон гуфта буд, ки кишвараш барори гуфтушунид ва аломатгузории марз омода аст. Вале ҳаводиси охир нишон медиҳанд, ки ҷониби Қирғизистон ваъдахилофӣ мекунад.

Феълан, як комиссияи муштарак дар марзи ду кишвар фаъолият дорад, ки бояд хати сарҳадро аниқу аломатгузорӣ намояд, вале мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки кори ин комиссия муассир нест.

Одил НОЗИР,
"Тоҷикистон"

МАВҚЕЪ



ФАЗЛИДДИН АСОЗОДА

МӮЙСАФЕДЗАНӢ

Таҷриба нишон медиҳад, ки баъзеи онҳоро низ бояд кам-кам бикӯбӣ!

Ҳафтаи гузашта, баъди Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдак дар бораи ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон матлаб навиштам ва ишора кардам, ки ҳама аҳли меҳтари ҷомеа бояд дар ғами онҳо бошанд. Аммо…

Чанд рӯзи башумор пеш дар шабакаҳои иҷтимоӣ наворе пайдо шуд, ки нафаре ҳузарб марди калонсолеро чанд мушт мезанад ва он "бечора" қариб аз пой меафтад. Навор ба андозае ҷозибаноку андешиданӣ аст, ки вақте онро бесадо гӯш мекунӣ, нахуст дар тасаввурат ваҳшияту золимии ҷавони бадасту бозу мунъакис мешавад ва он марди солдида музлим ҷилва мекунад. Вале, чун садои наворро мешунавӣ, нафратат нисбати меҳтарон бедор мешавад.

Ростӣ, бори аввали дидани навор дили ман ҳам ба он марди муштхӯрда сӯхт. Аммо, чун садои наворро равшан кардам, дилам аз меҳтарон хунук шуд. Ҳама он алфози қабеҳу носазо, ки аз забони марди ба назар "ҷабрдида" берун меомад, дар ақл намеғунҷад.

Ёдовар мешавам, ки қабл аз ин навори дигаре дар шабакаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфта буд. Дар он навор низ ҷавоне марди солдидаро латукӯб мекард. Зери он навор шарҳҳои бешумор кошта шуданд. Бисёриҳо ба накуҳиши ҷавон пардохтанд. Дар ин миён, чун садои мушаххасе аз навор барнамеомад, нафаре тамсилан навишт, ки "баъзе мӯйсафедҳо ҳам харанд...". Он замон аз ин нигошта ба хашм омадам. Вале ҳоло чӣ...?

(Давомаш дар саҳ.6)



ЭЪТИРОФИ ТОЛИБОН

Изҳороти пурсарусадои Замир Кобулов



Дипломати шинохта, мудири департаменти дуюми Осиёии Вазорати корҳои хориҷии Русия Замир Кобулов дар робита ба Афғонистон як қатор изҳороти муҳим дод, аз ҷумла оид ба масоили эътирофи ҳукумати Толибон ва амнияти Осиёи Марказӣ.

Ба гуфти ӯ, намояндагони мақомоти нави Афғонистон нигаронии Русия ва кишварҳои дигарро аз қочоқи маводи мухаддир ва терроризм дарк мекунанд. Ба инкишофи онҳо шароити ҳозираи мамлакат мусоидат мекунад.

"Худи ҷунбиши Толибон, ки ҳоло дар Афғонистон ҳукмронӣ мекунад, дигар ба Осиёи Марказӣ таҳдид намекунад. Равобити деринаи сиёсӣ ва дипломатии онҳо ҳадди ақал бо Ӯзбекистон ва Туркманистон хуб рушд кардааст",- таъкид кард Кобулов.

Дипломат дар бораи фаъолияти гуруҳҳои мамнуъ сухан ронда, қайд кард, ки террористон дар Афғонистон аз англосаксонҳо ёрию маблағ мегиранд. Кобулов таъкид кард, ки ин воқеан ба субот дар Осиёи Марказӣ таҳдид мекунад.


Намояндаи вазорати хориҷаи Русия дар робита ба Афғонистон чанд изҳороти муҳими дигар дод.

Ҳамин тавр, Кобулов гуфт, ки раисиҷумҳури Русия Владимир Путин дар сурати зарурат интиқоли фаврии ғалла ба ин кишварро тасдиқ кардааст. Нуриддин Азизӣ, вазири тиҷорати Афғонистон, ки аз сӯи толибон таъйин шудааст, барои баррасии ин масъала ба Маскав сафар мекунад.

Пештар Кобул бо рӯйхати молҳои зарурӣ ба Маскав муроҷиат карда буд. Дар байни онҳо гандум, маҳсулоти нефтӣ ва дигарҳо ҳастанд.

Илова бар ин, дипломат ба эътирофи ҳукумати толибон дар Афғонистон дахл кард. Ба гуфтаи вай, дар ин масъала Федератсияи Русия на ба ИМА ва на ба дигар кишварҳо нигоҳ намекунад.

"Чунин дурнамоҳо возеҳу равшан вуҷуд доранд, шартҳоро ҳам раисиҷумҳури Русия ва ҳам вазири корҳои хориҷӣ ироа карданд",- гуфт намояндаи Вазорати корҳои хориҷӣ. Вай афзуд, ки қадами аввал дар ин самт бояд қудрати фарогири этносиёсӣ бошад.



ДАР КАДОМ КИШВАРИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ МАОШ АЗ ҲАМА ЗИЁДТАР БОЛО РАФТ?

Аз лиҳози болоравии музди меҳнати миёна дар семоҳаи аввали соли 2022 байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди иқтисодии АруОсиё (ИИАО, ЕАЭС) Қазоқистон пешсаф аст.

Бино ба маълумоти Комиссияи иқтисодии АвруОсиё, болоравии маош дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2021 тариқи зайл аст:

Дар Русия - 15%, то 60 101 рубли русӣ ($709);

Дар Қазоқистон - 23,7%, то 285 433 танга ($627);

Дар Белорус - 17,1%, то 1 554 рубли белорусӣ ($551);

Дар Арманистон - 9,6%, то 212 767 дирҳам ($437);

Дар Қирғизистон - 11,4%, то 20 943 сом ($234);

Дар Ӯзбекистон тибқи маълумоти Кумитаи давлатии омор, болоравӣ 19,1% - то 3,426 млн сӯм ($305)-ро ташкил дод.

Дар Тоҷикистон музди меҳнати миёна 13,7% афзуда, ба 1747 сомонӣ ($155) расид.

Доир ба музди меҳнати миёна ва сатҳи болоравии он дар Туркманистон маълумот дарёфт нашуд.

ТАШРИФИ САФИРИ ҶУМҲУРИИ КУРИЁ БА ДДЗТ БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА ВА ҶАМЪБАСТИ ОЗМУНИ НАТТОҚОНИ ЗАБОНИ КУРИЁӢ

14-уми июни соли 2022 мулоқоти ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ Жило Гулназарзода бо сафири Ҷумҳурии Куриё дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Квон Донгсок баргузор гардид.



Дар вохӯрӣ тарафҳо масъалаҳои ҳамкории минбаъда, татбиқи созишномаҳои байни донишкада ва донишгоҳҳои Ҷумҳурии Куриёро баррасӣ намуданд.

Сафир Квон Донгсок аз ҳамкории донишкада бо сафорат изҳори қаноатмандӣ намуда, зикр кард, ки барои тавсеаи равобити судманд саҳми шоистаи худро мегузорад.

Дар санаи мазкур дар толори фарҳангии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода бо иштироки сафири Ҷумҳурии Куриё Квон Донгсок, ректори донишкада Гулназарзода Жило, муовини ректор оид ба таълим ва корҳои методӣ Қаюмов А., муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ Каримов А., декани факултети забонҳои Осиё Ғафуров З., ёрдамчии сафири Куриё Чой Дачанг, роҳбари Маркази забономӯзии забони куриёӣ Чой Миҳи, муаллими калони шуъбаи забони куриёӣ





Шин Нагкюн ва омӯзгорони Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Чонг Ҳоил ва И Ҷонгсук даври ниҳоии озмуни наттоқони забони куриёӣ ҷамъбаст гардид.

Ректор Жило Гулназарзода ҳузури меҳмонони оликадрро ба донишкада шодбош гуфта, иброз дошт, ки баргузории ин гуна озмуну чорабиниҳо барои забономӯзии донишомӯзон заминаи мусоид фароҳам оварда, дар таҳкими равобити дуҷониба саҳм мегузорад.

Сафир Квон Донгсок аз сатҳи баланди баргузории чорабинӣ ва пазироии самимии раёсати донишкада изҳори хушнудӣ намуда, зикр кард, ки донишҷӯёну забономӯзони шуъбаи забони куриёӣ бо истеъдоди баланд ва забондонии худ чорабиниро хотирмон гузарониданд.

Дар гуруҳҳои ибтидоӣ ва болоии озмуни мазкур дорандаи ҷойи якум, ҷойи дуюм ва ҷойи сеюм бо мукофотҳои баландарзиш ва ифтихорнома сарфароз карда шуданд. Ҷойҳои ифтихории чорум ва панҷум бо ифтихорнома ва мукофотҳо сарфароз карда шуданд.

Бояд хотиррасон намуд, ки даври аввали озмун байни гуруҳҳои ибтидоӣ ва миёна санаи 06.06.2022 дар маркази забономӯзӣ гузашта буд ва ба даври нимниҳоии озмун аз гуруҳҳои ибтидоӣ ва миёна 10 нафар роҳхат гирифтанд. Аз байни 10 нафари иштирокдошта 3 нафар аз гуруҳи ибтидоӣ ва 3 нафар аз гуруҳи миёна ғолиби озмун дониста шуданд.

Дар гуруҳи ибтидоӣ:

Ҷойи якум: Бозорзода Мунаввара

Ҷойи дуюм: Исмоилова Сомина

Ҷойи сеюм: Ҳусейнова Маҳина

Дар гуруҳи миёна:

Ҷойи якум: Алимов Ҳоҷиакбар

Ҷойи дуюм: Нурова Шоҳона

Ҷойи сеюм: Абдураҳимова Шукрона

Дар охир ба ғолибони озмун ва беҳтарин иштирокчиёни он туҳфаҳои хотиравӣ тақдим карда шуд. Бояд гуфт, ки ғолиби ҷойи якум Алимов Ҳоҷиакбар аз гуруҳи миёна ба Куриё сафарбар карда мешавад.

ҶАМЪИЯТИ ПАРОКАНДАИ ЖУРНАЛИСТОН

ё чаро аҳли қалам иттиҳод надоранд?

Ҳар ҳафта як рӯз ба дӯконҳои рӯзномафурӯшӣ сар мезанам: ба мушкил дӯкон гуфтан лозим, дар тамоми шаҳр фурӯшгоҳҳои махсуси маҳсулоти матбуоти даврӣ шояд ангуштшумор бошанд, дар ағлаби онҳо газетаву маҷаллаҳо шояд як фисадро ташкил кунад, дигар дар ин дӯконҳо аз сигору бозича то ҷӯробу дастмол - ҳама чизҳоро пайдо кардан мумкин.



Яъне як дӯконе, ки ба ҳама тақозои замонавии фурӯшгоҳи матбуот псухгӯ бошад, надидаам. Поинтар мефаҳмонам, ки чаро суханро аз дӯконҳо сар кардам...

Ҳоло дақиқан ба хотирам нест, ки аз кай қаламкашӣ ё журналистикаро ҳокимияти чаҳорум хондаанд... Маънои ҳокимият ҳукумат кардан, идора кардан аст, табиист, ки ин ҷо ин вожа ба маънои маҷозиаш омадааст: ба таҳрик овардани ҳушу ёд ва тафаккуру зеҳни ҷомеа. Тамоми прогресси олам аз он оғоз мешавад, ки одамон дар зеҳну шуурашон ба дигаргуниҳо омода шаванд, зарурати зиндагии беҳтар ва масъулият барои чунин зиндагиро эҳсос намоянд, яъне сухан аз омодагии қалбиву руҳӣ ва ақлии инсонҳо дар ҷомеа ва давлате меравад, ки хешро ҳуқуқбунёду демократӣ эълом кардааст. Як шарти муҳими чунин кишвар ва ҷомеадорӣ озодии матбуоту василаҳои дигари иртиботиву намоишӣ ва барои чунин озодӣ масъулият доштани аҳли қалам аст.

Аммо масъулият дуҷониба аст: давлат бояд (вазифадор аст тибқи қавонини мардумсолорӣ) шароит муҳайё кунад ва аҳли қалам уҳдадоранд, ки тибқи ин шароит рисолати хешро анҷом бидиҳанд...

Чанде қабл як далели дар матбуот паҳншуда дар хусуси он ки сарвазири Британиё ҷаноби Борис Ҷонсон дар замони маҳдуди густариши бемории ковид дар чанд шабнишинӣ иштирок кардааст, тамоми ҷомеаи ин кишварро аз ин роҳбар дилсард кард: чӣ тур мешудааст, ки ин мард ба қонуни умумӣ, ки яке аз ташаббускоронаш худаш буд, итоат намекунад... Се маротиба узр пурсид, вале боз роҷеъ ба эътимод ба ӯ раъйпурсӣ шуд...

Ин як мисоли одист аз ҳазорҳо мисолҳое, ки ҳамарӯза дар кишварҳои Ғарб ба мушоҳида мерасад. Албатта, барои ба чунин сатҳ расидан барои кишварҳои осиёӣ, аз ҷумла барои мо шояд як марҳалаи том лозим бошад... Ҳатто дар Русия, ки ҳама давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз зери нуфузаш қарор доранд, дар масъалаи муносибати давлату аҳли қалам мушкилоти зиёд вуҷуд дорад, махсусан дар масъалаи ихтилофи русу украин... Агар “ҷанг” гӯй, ҷазоят медиҳанд, агар “амалиёти махсуси ҳарбӣ” бигӯй, одами ватандӯст ва аз ҷиҳати сиёсӣ зирак ҳастӣ... Ин ҷо нуқс дар шинохти воқеиятҳост: дар сиёсат, мисли адабиёти ҳунарӣ ҳамеша муҳтаво ё мазмун бар шакл имтиёз дорад... Дар Амрико сияҳпӯстони нажоди негроидро агар “негр” гӯянд (ки воқеан пӯсташон сиёҳ аст), ҳамчун табъизи нажодӣ ҳукм дорад... Ду мисол, ки аз авлавияти шакл бар мазмун гувоҳӣ медиҳанд, ки бояд баръакс бошад... Аммо мисоли аввал маънои даҳанбандии мардумро дорад, хусусан патсифистонро, мисоли дувум - барои иттиҳоди миллат хидмат мекунад...

Агар ҳамин пойгаҳи андешаро барои ибрози андешаҳои сонӣ ба хотир бигирем, бисёр хуб мешавад. Сухан аз созанда ва ё сӯзандагии калом меравад, ки аслиҳаи аслии аҳли қалам ва ба таъбири хунуки имрӯза - журналистон аст. Чанд моҳи ахир як идда қаламкашон дар кишвари худамон мавриди озор барои суханҳои гуфтанашон шуданд ва банда, мисли ҳазорон касони дигар хулоса кардам, ки ин қишри ҷомеа ҷамъияти парокандаро мемонад...

Иттиҳоди аҳли қаламро ҳамон вақт иттиҳод гуфтан мумкин аст, ки агар дар лаҳазоти мушкил дасти ҳам бигиранд ва чун ангуштони як мушт гирди ҳам биёянд. Мушкили ба сари як қаламкаш омада бояд ҳамчун мушкили ҳамагонӣ фаҳму дарк шавад... Агар журналисте барои кораш мавриди ҷазои ғайриқонунӣ қарор гирифт, ё баррасии судӣ дар мавориди гуногуни иттилоърасонӣ оғоз гардид, ҷамъияти воҳид будани аҳли қалам бояд собит шавад, вагарна чӣ лозим ин қадар созмонҳои зиёде, ки дар номҳояшон вожаҳои Шӯро ва ё Иттифоқ доранд?...

Банда ба ин назарам, ки барои ба хотири рушди ҷомеаву давлат ва ҳар сокини кишвар кор кардани аҳли қалам ва пешгирии ҳар навъи ихтилоф миёни сохторҳои давлатӣ ва қаламкашони алоҳида бояд система бошад ва он кор кунад. Як навъ мақоми ҳамоҳангсозе бошад, ки зудамал бошад ва дар он одамони босавод шомил гарданд. Агар чунин мақом таъсис шавад, пас, дигар сохторҳое, ки ҳоло бо ҳар ному унвон амал мекунанд, зарурат надоранд. Масалан, банда зарурати фаъолияти Иттифоқи журналистонро намебинам. Танҳо ду рӯзе ҳаст, ки ин созмон аз вуҷуди худ дарак медиҳад: рӯзи матбуот, ки авҷоавҷи туҳфаву мукофотсупурданҳост ва чанд сол пас анҷуман, ки бисёр ноаён мегузарад... Баъди сари зиндаёд Акбари Саттор ҳамин қадар кор шуд, ки гувоҳномаҳоро бо пардохти дусад сомонӣ иваз кардем ва... тамом. Агар даъвӣ ин бошад, ки матбуоти маҳалҳоро (ноҳияву вилоятҳоро) бозсозӣ мекунанд, пас, ин амали онҳоро истиқбол бояд кард. Ба шарте, ки вазъи иқтисодӣ мусоидат кунад. Рӯзномаҳои маҳаллӣ ҳамон вақт истиқлол меёбанд, ки агар озод бошанд, агар нашрия аз пули сохтори маҳал бошад, пас ҳайфи коғазу қалам гуфтан лозим.

(Давомаш дар саҳ. 11)

ҲАВЗҲОИ ШИНОВАРӢ

Сарватмандон тафреҳ мекунанд, сокинони оддӣ ангушт мегазанд



Тобистони имсола хеле гарм омад. Дар ин мавсим хурду калон мехоҳанд гармои тоқатфарсоро дар канори ҳавзҳову рӯдҳо пушти сар кунанд, вале мушоҳидаҳо нишон дод, ки оббозӣ дар пойтахти Тоҷикистон машғулияти сарватмандон аст. Сокинони оддӣ ба чунин неъмат дастрасӣ надоранд...

Омори ғамангез

Маҳмудзода Карорматулло, масъули раёсати варзиши Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ дод, ки **ҳоло дар шаҳри Душанбе 10 ҳавзи шиноварӣ амал мекунанд:**

- 3 ҳавзи шиноварӣ дар Қасри обӣ;

- 2 ҳавзи шиноварӣ дар аквапарки “Обшорон”;

- 2 ҳавзи шиноварӣ дар мактаби махсуси варзишии №4;

- 1 ҳавзи шиноварӣ дар аквапарки “Делфин”;

- 1 ҳавзи шиноварӣ дар “Текстил”.

Ягона ҳавзи шиноварии “Текстил”, ки ба Мақомати иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе тобеъ аст, он ҳам барои сокинон пулакӣ хизмат мерасонад. Яъне дар шаҳри Душанбе ва атрофи он макони оббозии ройгон барои сокинон мавҷуд нест.

Дар шаҳри Хуҷанд ин масъала ҳалли худро ёфтааст. Дар баробари ҳавзҳои пулакӣ дар соҳили чапи дарёи “Сир” шароит барои оббозӣ ва тафреҳи ройгони сокинон муҳайё гардидааст. Қасри варзиши 20-солагии Истиқлолият дар шаҳри Хуҷанд низ нисбатан нархи дастрас дорад. Оббозӣ ва тафреҳ дар ин ҷо барои як нафар 20 сомонӣ муқаррар шудааст.

Сокинони пойтахт дар гармои тобистон мачбуранд аз аквапаркҳо ва ҳавзҳои пулакӣ истифода баранд, ки нархҳои гарон доранд.

Нархҳои миёншикан

Чаманоро сокини пойтахт аст. Соли гузашта се фарзандашро ба Қасри шиноварӣ бурдааст. Ӯ нигарон аст, ки имсол чунин имконро надорад: “Соли гузашта се фарзандамро ба Қасри шиноварӣ бурдам ва 1500 сомонӣ маблағ супоридам, то онҳо дар таътил ҳам шиновариро омӯзанд, ҳам солим бошанд. Имсол чунин имконро надорам. Илова бар ин, соли равон барои як моҳ нархи оббозӣ 750 сомонӣ муқаррар гардидааст...”.

Бо фаро расидани гармо, истироҳат канори об яке аз машғулиятҳои асосӣ барои сокинон мебошад. Чанде пеш бо нархи аквапарк ва кӯлҳои Душанбе ошно шудам, то дар мавсими гармо аз ҳавзҳои шиноварӣ истифода кунам, вале онҳо хеле нархҳои гарон доштанд. Дар аквапарки “Делфин” шароитҳо барои оббозӣ ва истироҳат мавҷуд аст, аммо нархи он ба ҳама сокинон дастрас нест. Барои мисол маблағи ин аквапарк барои кӯдакон 30-40 ва барои калонсолон 50-85 сомонӣ (барои 4 соат) мебошад. Тасаввур кунед, ки як оилаи 5-нафара метавонад аз хизматрасонии аквапарк истифода кунад? Албатта не!

Аквапарки “Обшорон”, ки моҳи июли соли 2017 ба фаъолият оғоз кард, аз “Делфин” нисбатан арзонтар аст. Ин маркази оббозӣ ва дилхушӣ бар ивази 20 сомонӣ ба кӯдакон ва 20-40 сомонӣ ба калонсолон хизмат мерасонад.

Мутаассифона, дар Душанбе ҳавзҳои ройгон амал намекунанд, то сокинон аз онҳо дар мавсими гармо истифода баранд.

Душанбе яке аз шаҳрҳои пешрафтаи ҷаҳон ва симои Тоҷикистон аст. Бинобар ин, набудани макони тафреҳи тобистона барои сокинон ва меҳмонон ҳусни шаҳрро мекоҳонад. Зарур аст, ки масъулин оид ба ин масъала андеша кунанд.



Уғулой
ҚУТБИДДИНЗОДА,
u.kutbiddinzoda@pressa.tj



ОДАМ БО ОДАМ ЗИНДА АСТ

Истаравшан мазори Саидалӣ Маъмурро обод мекунад!

Ҳафтаи гузашта дар ҳафтаномаи "Тоҷикистон" муроҷиати адабиётшинос Абдурашид Самадов ба раиси шаҳри Истаравшан Адҳам Маъмурзода таҳти унвони "Мазори Саидалӣ Маъмурро обод кунед!" (ҳафтаномаи "Тоҷикистон", №23 (1482), 08.06.2022) чоп шуда буд. Ба ин матлаб таъҷилан вокуниш нишон дода шуд.

Дар матни вокуниш омадааст:


Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан қаблан ба адабиётшиноси шинохта Абдурашид Самадов, ки дӯсти шоири зиндаёд Саидалӣ Маъмур ҳастанд, барои таваҷҷуҳ ва хотираи некашон нисбати яке аз фарзандони номбардори шаҳри Истаравшан изҳори миннатдорӣ баён менамояд.

Зимнан, ба иттилои муаллиф расонида мешавад, ки баъди вафоти Шоири халқии Тоҷикистон Саидалӣ Маъмур роҳбарияти шаҳри Истаравшан дар ҳамкорӣ ва маслиҳати бевоситаи раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон мухтарам Низом Қосим ва роҳбари бахши шаҳрии иттифоқи мазкур Раънои Зоирдухт масъалаи обод намудани оромгоҳро баррасӣ намуд.

Сипас, баъди бозидиди намояндаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан аз манзили охирати шоир корҳои ободӣ оғоз гардид. Алҳол атрофи оромгоҳ пурра бетонпӯш кунонида шуда, санги мазори устод Саидалӣ Маъмур омода шудааст ва тибқи лоиҳа бо услуби хоси хиштчинӣ аз тарафи мутахассисони Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истарвшан дар арафаи соли ёдбуд аз вафоти Шоири халқии Тоҷикистон Саидалӣ Маъмур ба анҷом расонида мешавад.

АЗ ИДОРА: *Устод Саидалӣ Маъмур дар як шеъраш мегӯяд: "Одам бо одам зинда аст!". Умед аст, ки шаҳрдори ҷавони Истаравшан ба зудӣ ба ваъдаи хеш вафо мекунад ва "Тоҷикистон" аз маросими ифтитоҳи лавҳи ёдгорӣ дар мазори шоир ба алоқамандони эҷодиёташ хабар хоҳад дод.*

ЗАРАФШОН НУРАФШОН МЕШАВАД!



Ба муносибати оғоз шудани сохтмони ду нерӯгоҳи муштараки барқии обӣ - НБО "Ёвон" ва НБО "Фондарё" дар рӯди Зарафшон аз ҷониби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон.

Аё рӯди Зарафшонам, нурафшон мешавӣ акнун,
Зи акси нур дар зар партавафшон мешавӣ акнун.
Туро ҳар қатра обат чун булури нурзо гардад,
Ва нерӯ бар муҳаррик карда, гардон мешавӣ акнун.
Зи ду соҳил ки ҷорӣ мешавад ҷӯбори обанбор,
Ба бебаронӣ чун «боруни Ёвон» мешавӣ акнун.
Шуда сатҳи ту боло то ба соҳилҳои обанбор,
Ба кӯҳу пуштаҳоят обшорон мешавӣ акнун.
Ту бо нури зиёят то Самарқанду Бухороҳо,
Раҳораҳ машъали рӯҳи ниёгон мешавӣ акнун.
Зи тори кӯҳ партав гар саҳар меафканад хуршед,
Зи нури НОБ хуршеди шабистон мешавӣ акнун.
Ба қандилҳою маҳфилҳо, фараҳбахшандаи дилҳо,
Ба қасру коху манзилҳо нуристон мешавӣ акнун.
Шуда чун қулла худ бандар, расонад қуллаҳо бо ҳам,
Зи ваҳдат чун намоди Тоҷикистон мешавӣ акнун.

Қаҳрамон БУРҲОН

ТАБИБИ НУРБАХШИ ЧАШМОН ДАРГУЗАШТ

Табиб - офталмолог, дотсент Аслишо Мазабшоев дар синни 88-солагӣ дар шаҳри Душанбе аз дунё даргузашт.

Гуфта мешавад, ки ҷасади Аслишо Мазабшоев дар зодгоҳаш - деҳаи Шитами ноҳияи Шуғнони ВМКБ ба хок супорида шудааст.



Ӯ 1-уми майи соли 1934 дар деҳаи Шитами ноҳияи Шуғнони ВМКБ дар оилаи хизматчӣ таваллуд шудааст. Баъди хатми мактаб соли 1955 ба факултети тиббии ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дохил шуда, соли 1961 ин муассисаи олиро хатм кардааст.

Ибтидо ба ҳайси духтури чашми беморхонаи вилоятии шаҳри Хоруғ кор карда, солҳои 1961-1963 сардухтури беморхонаи ноҳияи Ишкошими ВМКБ будааст.

То охири умр Мазабшоев дар кафедраи офтомологияи ДДТТ ба номи А. Сино ва беморхонаи «Шифобахш» фаъолият намудааст.

ПИРӮЗИИ МУИН ТОҶИК ДАР ИМА

Муин Ғафуров, варзишгари машҳури тоҷик дар муҳорибаи ахираш, ки 10-уми июни соли равон дар Белтони Техас баргузор гардид, рақибаш Ҳербет Сузаро дар дақиқаи сеюми раунди дуюми муҳориба ба накаут фиристода, пирӯзиро ба даст оварад.

Агарчи рақибаш бо вазни бештар бартарӣ дошт, вале Муин бо зарби мушт хеле чолокона ӯро аз пой афтонд.

Муин Ғафуров, варзишгари 26-сола бо лақаби "Тоҷик" машҳур буда, дар маҷмуъ 21 муҳориба анҷом дода, 17 муҳорибаро бо пирӯзӣ паси сар кардаву дар 4 муҳориба шикаст хӯрдааст.



ДАРОЗУМРТАРИН СОКИНОНИ ТОҶИКИСТОН

Дар ноҳияи Темурмалик куҳансолтарин шахсиятҳо аз ҳисоби бонувонанд.



Фотима Салимова ба қариби зодрӯзи 112-солагиашро таҷлил кард. Сабзагул Ғайратова, Майрамбӣ Амирова ба синни 102 ва Паригул Алиева ба синни 100-солагӣ расиданд.

Ғайри ин, беш аз 18 нафар бошандагони ноҳия умри аз 90-сола боло доранд.

Ҳ. НУРУЛЛО

ВАЪДАИ ФАРХОРИҲО

Мардуми меҳнатқарини Фархор бо 3 намуди маҳсулотии хеш - пиёз, зардолую тарбуз ифтихор доранд. Ҳосили имсолаи онҳо бад нест.

Ҳамаи заҳмат, кӯшиш, мақсади кишоварзон баҳри он нигаронида шудааст, ки на танҳо ба дастархони мардуми ҷумҳурӣ, балки ба корхонаҳои саноатии дуру наздик зиёда аз 3 ҳазор тонна пиёз, 2 ҳазор тонна зардолу ва 8 ҳазор тонна тарбузу харбуза равон намоянд.

Маҳусан, ширинию лаззатнокии тарбузи фархориҳо дар мамлакат ҳамто надорад.

Н. ҲАСАН

ЭҶОДКОРОНИ "ЗАРКАМАР"



Дар хонаи фарҳанги шаҳраки 30-солагии истиқлолияти ноҳияи Файзобод маҳфили эҷодкорони "Заркамар" фаъолият дорад, ки ташаббускори он омӯзгор ва адиб Сафаралӣ Мирзоев аст.

Шоирони маҳал Ҳоҷӣ Шарофи Акобир, Саттори Бузург, Шарифи Шайдо, Муҳаббати Юсуф, Сафаралӣ Мирзоев, Муродбек Раҳимов, Рамазони Раҳим узви ин маҳфил ҳастанд.

Дар маҳфили навбатӣ омӯзгорону толибилмони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии рақамҳои 10-59-и ноҳия иштирок доштанд. Муаллимаи эҷодкор Мунаввара Партоева маҳсули эҷоди қаламкашонро манзури ҳозирини аҳли толор гардонид. Ҳунармандон Талабшоҳ Рачабов ва Абдулҳақ Искандаров аз эҷодиёти Ҳоҷӣ Шарофи Акобир ва Саттори Бузург сурудҳо замзама карданд.

Мавҷудияти чунин маҳфилҳо дар шаҳру навоҳии кишвар барои тарбияи ахлоқии ҷавонон хеле муҳим аст.

Ҳ. САФАР,
ноҳияи Файзобод

МӮЙСАФЕДЗАНӢ

(Аввалаш дар саҳ.3)

Вақте навори дуюмро дидам ва дашномҳои "дастабиринҷӣ"-и мӯйсафедро ба номи модару хоҳару апаи ҷавони хузарб шунидам, ба тоқати ҷавон таҳсин хондам. Ба худ гуфтам, ки "агар ҷойи он ҷавон ман мебудам, мӯйсафедро муштзанӣ чӣ, ки шаттакорӣ мекардам!". Шатта ба ҷойҳои мулоимак, масалан ба думбааш, то ин ки изаш намонаду барои ба ҷойе шикоят бурдан асос наёбад!

Албатта, наметавон бо дидани чанд навори ҳамранги намунаҳои овардаамон ҳама калонсолонро бад диду паст зад. Аммо ҳамин нафарони ангуштшумори ҳақоратчӣ ҳам худ аллакай ба руҳияи насли наврас хатару зарар доранд. Зеро, агар 10 наврас ба 1 нафар калонсоли ҳақоратчӣ пайравӣ кунанд ва агар чунин "мӯйсафедони хулиган" фаразан 100 нафар бошанд, медонед вазъият чӣ гуна мешавад? Шахсан, ман тасаввур карда наметавонам...

Пас, чӣ бояд кард? Агар чунин калонсолони носазогӯ афзудан гиранд, маҷбурем тарбияи кӯдаконро муддате як тараф мондаву ба тарбияи мӯйсафедон машғул шавем, то "мӯйсафедзанӣ" авҷ нагирад.

Дар омади гап, тавре медонем, барои тарбияи кӯдакони душвортарбия сохтори махсус вуҷуд дорад? Намешавад, ки ягон марказ барои тарбияи "мӯйсафедони душвортарбия" таъсис диҳем?

Хонандаи ин матлаб чӣ назар дошта бошад?



ХУДО КУ ГУФТЕД, БЕРДИАШРО ҲАМ ГӮЕД!

Воридот, истеҳсол ва фурӯши лампаҳои диодӣ ба манфиати кист?

Буд набуд, лампаи каммасраф буд. Камбағалон доира мезаданд, ки бо пули ночиз аз нури "иличӣ" баҳра мебардоранд. Одат ҳам карда буданд. Мағзҳо ҳам аз лампаҳои каммасраф пур шуданд. Соҳибкорони бечора ҳам бо қарзи бонк лампа ворид карданд. Истеҳсолу воридоти лампаҳо ба низом даромад.

Фармон дар бораи таъсис додани партовгоҳҳо ва ҷойҳои нобудсозии лампаҳои корношоям ҳам баромад. Аммо фармон дар рӯи коғаз боқӣ монд. Касе напурсид, ки чаро фармон ҳасту иҷроиш нест. Намепурсанд ҳам. Ин ҷо чароҳои зиёд ҳаст, ки мардум аз гуфтан метарсанд. Чунки ҳама ба маҷрои дарё бел мезананд. Қанда хӯру муқобили маҷрои дарё бел зан. Хулласи калом, баъд аз 12 сол замин кафиду қарори дигар баромад. "Нест бод лампаҳои каммасраф!", "Лампаҳои каммасраф муҳити зистро хароб мекунанд!", "Зинда бод лампаҳои диодӣ!", "Лампаҳои каммасраф душман ва диодӣ дӯсти инсоният!".

Касе пайдо нашуд, ки пурсад: аввал ба мардум шарҳ диҳед, ки душманию дӯстии ин ду навъи лампа дар чист? Соҳибкорони бечораро огоҳ кунед, ки дигар чунин лампаҳо надароранд. Ба истеҳсолкунандагон дастур диҳед, ки самти истеҳсолашонро дигар кунанд.

Фазои холӣ фикру андешаҳоеро ба миён меорад, ки ҳатто хари боркаш тавони бардоштанро надорад. Шарҳ диҳед, огоҳ намоед, роҳнамоӣ кунед. Сипас, шумо медонеду дави аспатон.

Аллакай фазоро иттилое фаро гирифтааст, гӯё монополисте пайдо шудааст, ки мехоҳад лампаҳои диодии худро ба фурӯш барорад. Мо намедонем, ки ин ҳақиқат дорад ё не. Аммо даҳони мардумро бастан душвор аст. Барои ин лозим аст, ки иттилои комил, қонеъкунанда ба аҳолӣ, соҳибкорон ва истеҳсолкунандагон пешкаш шавад. Ин амал метавонад миёни соҳибкориро дар кишвар шиканад, истеҳсолкунандагонро дилсард кунад.

Аз шарҳи расмӣ то мушкилоти лампаҳои каммасраф

Тоҷикистон воридот, истеҳсол ва фурӯши фурӯзонакҳои каммасрафи симобдорро манъ намуд. Дар ин хусус қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли равон ба тасвиб расид, ки дар асоси он воридот, истеҳсол ва ба фурӯш баровардани фурӯзонакҳои симобдор бо рамзи «8539322001» дар қаламрави кишвар манъ карда мешавад. Ҳадаф аз қабули ин санад пешгирӣ аз зарари симоб ба муҳити атроф, хусусан аҳолии мамлакат дониста мешавад. Ҳукумати мамлакат ба Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи ҳифзи муҳити зист дар ҳамдастӣ бо Ҳамоти гумрук дастур додааст, ки чиҳати иҷрои қарори манъи воридот, истеҳсол ва фурӯши фурӯзонакҳои каммасрафро таъмин созанд. Инчунин, ба дигар вазорату идораҳои дахлдор супориш дода шудааст, ки чиҳати "тақвият додани истеҳсоли фурӯзонакҳои каммасрафи нурдиҳандаи диодӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ" тадбирҳо андешанд. Шояд ин тадбир дуруст бошад. Вале онро дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла Русия, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон истеҳсол мекунанду ба фурӯш мегузоранд ва истифода мебаранд.

Аслан, Тоҷикистон аз моҳи майи соли 2009 ба истифодаи лампаҳои каммасраф гузашт, маъракаи тарғиби ин лампаҳо на камтар аз тарғиби зарурати сохтмони НБО-и "Роғун" буд. Барои аз байн бурдани зарари он қарори ҳукумат ҳам баромада буд. Аммо иҷро нашуд. Гуноҳи лампа дар чист? "Сухан аз забони луқмон хуш аст" гуфтему ба мақомоти дахлдор муроҷиат кардем, ки онро шарҳ диҳанд.

Вазорати энергетика бетараф. Ёдгорӣ дар рухсативу...

Вақте ки моҳи майи соли 2009 аҳолии Тоҷикистон ба истифодаи лампаҳои каммасраф гузашт, мутахассисони соҳа мегуфтанд, ки сарфаҷӯёна истифодабарии қувваи барқ ба корхонаю муассиса ва аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад. Дар баробари ин, муаммои ифлосшавии муҳити зист бо лампаҳои каммасрафи аз истифода баромадаи симобдор ба миён омада буд. Ба хотири безарар гардонидани фурӯзонакҳои каммасраф бояд нуқтаҳои қабул ва ба расмият даровардани супоридани лампаҳо ва асбобҳои симобдор ташкил мегардид. Дар ин росто, бо мақсади пешгирии ифлосшавӣ соли 2011 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳо оид ба ташкил намудани системаи безараргардонии ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ, интиқол ва коркарди лампаҳои симобдор» ба тасвиб расида буд. Вале кадом ниҳоде масъул буд ва то кӯҷо ин қарорро амалӣ кард, маълум нест. Аммо сокинон бар ин назаранд, ки вақте лампаҳои каммасрафро барои истифода тавсия доданд, бояд қуттиҳои махсус барои партов низ роҳандозӣ мегардид. Бинобар набудани қуттиҳои алоҳида мардум аз ноилоҷӣ лампаҳои каммасрафи сӯхташударо ба қуттиҳои партови маишӣ мепартофтанд. Дар манотиқ бошад, ба иборае, "пеш омад, хуш омад", мардум ҳарҷо мепартофтанд. Аммо намедонистанд, ки он чӣ пайомад дорад. Зимнан, бо гузашти беш аз 12 соли истифодаи лампаҳои каммасраф на ҳама мардум маърифати истифодаи дурусти онро медонистанд. Ҳоло, ки лампаҳои диодӣ барои истифода тавсия мешаванд, то кучо дар марказҳои фурӯш мавҷуданд ва харидорон онро аз симобдор бояд фарқ кунанд?


Мо барои гирифтани назари мутахассис аввал ба Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон занг задем. Аз рақами телефони 2360304 - қабулгоҳи вазир, рақами дигар - 2359813 ва сипас 2359834 - раёсати энергетикаро барои иртибот ва гирифтани иттилоъ пешниҳод карданд. Аз ин раёсат рақами котиботи вазорат - 2359802-ро барои мувофиқа ва сухбат бо масъуле пешниҳод намуданд. Баъди суҳбат дар ин ҷо гуфтанд, ки "вазорат ба ин масъала дахле надорад. Ба суоли шумо бояд ширкати "Барқи тоҷик" посух диҳад".

Рақами мобилии сухангӯи ширкат Нозирҷон Ёдгориро барчидам. Аз он сӯи телефон ҷаноби Ёдгорӣ баъди пурсупос гуфт, ки дар рухсатии меҳнатист ва дар "Қайроққум" дам гирифта истодааст. Ҳарчанд ба ӯ гуфтам, ки ақаллан ягон мутахассиси ҳирфавии ширкатро барои гирифтани шарҳ вобаста ба мавзуъ тавсия диҳад, вале пой дар як мӯза андохтагӣ барин, гуфт, ки "дар протседура" аст ва феълан ҳаққи чизе гуфтан надорад.

Бароям як чӣ норӯшан монд. Агар Ёдгорӣ дар истироҳат аст, кӣ сиёсати иттилоотиву тарғиботии ширкатро то омадани ӯ пеш хоҳад бурд? Кӣ мардумро бо иттилои саҳеҳ таъмин хоҳад кард? Магар ширкати "Барқи тоҷик" ягон корманди дигари масъул барои иртибот бо намояндагони ВАО надорад?

Суол ба масъулини Вазорати энергетика ва захираҳои об: Шумо, агар дар ин ниҳод кор мекунед, магар ҳаққи шарҳ додани мавзӯи марбут ба соҳаи худро надоред? Магар шумо риштаи энергетикаро хатм накардаед ва фарқи лампаҳои каммасрафи симобдорро аз лампаҳои диодӣ намедонед? Бадбахтист, вақте ки журналист барои гирифтани маълумоти марбут ба соҳаи худатон муроҷиат мекунад ва бетарафӣ нишон медиҳеду ба даҳон об мегиред! Пас, кучост масъулияти шумову эътимоди давлату халқ?

Усмон РАҲИМЗОДА,
rahimzoda@pressa.tj



ДОВТАЛАБ-2022

АЗ БАҚАЙДГИРӢ ТО ИМТИҲОНСУПОРӢ.

ҲАМАСОЛА ШУРУЪ АЗ МОҲИ АПРЕЛ ТО ИЮН ДАР ТОҶИКИСТОН МАЪРАКАИ БАҚАЙДГИРИИ ДОВТАЛАБОН ВА СУПОРИДАНИ ИМТИҲОНҲО ТАВАССУТИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН СУРАТ МЕГИРАД. ОМӮЗИШ ВА ТАҲЛИЛҲОИ МО БОЗГӮИ ОНАНД, КИ ДАР БАЪЗЕ МАВРИД ДОВТАЛАБОН ДАР ИНТИХОБИ КАСБ БА ИШТИБОҲ РОҲ МЕДИҲАНД Ё АЗ ИМТИҲОНИ ТЕСТӢ НАМЕГУЗАРАНД.



Чанд омили муҳим дар интихоби касб

Интихоби дурусти касб ба тақдири оянда ва имконияти амалишавии орзуву ниятҳо иртиботи бунёдӣ дорад. Интихоби дуруст барои интихоби идомаи таҳсил ва соҳибкасб шудан - кафолати ояндаи дурахшон ва шарти асосии татбиқи рисолати инсонӣ дар ҷомеа ба ҳисоб меравад.

Абдулбосит НУРАЛИЕВ,



мутахассиси Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мегӯяд, ки ихтисос навъи мушаххаси кор ё фаъолият дар доираи ин ё он касб аст. Шахс метавонад дар доираи як касб чанд ихтисосро интихоб намояд. Баъд аз таҳсил аз рӯйи ҳар ихтисос тахассуси муайян дода мешавад.

“Масалан, касби омӯзгорӣ дорои тахассусҳои омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик, омӯзгори забон ва адабиёти рус, омӯзгори таърих, омӯзгор-равоншинос (психолог), омӯзгори мусиқӣ, омӯзгори физика, омӯзгори биология ва химия, омӯзгори география, омӯзгори математика ва информатика, омӯзгори тарбияи ҷисмонӣ, рассом-омӯзгор, китобдор-омӯзгор ва ғайра аст”,- шарҳ медиҳад номбурда.

Ӯ ба ин бовар аст, ки интихоби дурусти ихтисос барои ҳар як шахс муҳим ва ҳатто тақдирсоз аст. “Ҳангоми интихоби ихтисос ба эътибор гирифтани якчанд омил зарур аст. Пеш аз ҳама, довталаб бояд хуб биандешад, ки аз ин касб чӣ мехоҳад ва аз он чиро интизор аст, дар кадом соҳа фаъолият намудан барояш бештар писанд аст ва касбу кори ӯ ба тарзи ҳаёт чӣ таъсире расонида метавонад? Оё аз ин касбу ихтисос қаноатманд хоҳад шуд? Он воситаи таъмини рӯзгор мегардад ё не? Ҳар як довталаб талаботи бозори меҳнатро ба касбу ихтисосҳо ақаллан барои 5 6 соли оянда бояд ба назар гирад, зеро дар ҳоли мавриди талаби бозори меҳнат набудани он касбу ихтисос ё нисбат ба талабот зиёд будани шумораи мутахассисони он соҳа манфиаташ ба соҳибкасб кам мерасад. Барои мисол, гарчи ихтисосҳои самти ҳуқуқшиносӣ нуфузу эътибори баланд доранд, имрӯз барзиёд будани мутахассисони ин соҳа дар бозори меҳнат ҳис карда мешавад. Баръакс, ҳамаи соҳаҳои кишвари мо ба ихтисосҳои техникӣ (гуруҳи ихтисососҳои якум - "Табиӣ ва техникӣ") ниёзи зиёд доранд, аммо аз ҷониби довталабон кам интихоб гардидани онҳо ҳамасола аён аст. Интихоби касб ва ихтисос, албатта, кори шахсии ҳар кас аст, вале ҳангоми интихоби он таҷриба ва маслиҳати падару модар, омӯзгор, хешу ақрабо ва мутахассисони соҳаро ба эътибор гирифтан ба нафъи кас хоҳад буд”,- изҳор дошт мутахассиси Маркази миллии тестӣ.

Ҳамчунин, мутахассисон ба ин назаранд, ки ҳангоми интихоби касбу ихтисос бештар хусусиятҳои ҷисмонию равонии худ - вазъи саломатӣ, дониш, лаёқату истеъдодро ба назар гирифтан зарур аст. Зеро ҳар касбу ихтисос талаботи ба худ хос дорад, ки аз шахс қобилият, хислат, дониш ва маҳорати муайянро талаб мекунад. Масалан, касе, ки овозаш нохуш ё гулӯяш айбдору бемор бошад, овозхони хуб шуда наметавонад.

Аз ин рӯ, довталаби муассисаи олӣ бояд дар интихоби пешаи худ таваҷҷуҳ намояд ва ояндабин бошад. Чунки дар шароити имрӯза тамоми сохтору корхона ва ташкилоту идораҳо танҳо ба мутахассиси донишманду дорои нигоҳи тоза ниёз доранд.

> **МАРКАЗИ МИЛЛИИ ТЕСТӢ ДОНИШ ВА МАЛАКАЮ МАҲОРАТИ ҲАР ЯКЕ АЗ ДОВТАЛАБОНРО ВОҚЕЙ АРЗЁБӢ КАРДА, ҲЕҶ ГОҲ БА ДАХОЛАТИ ИНСОНӢ, ЯЪНЕ АЗ БЕРУН, ТАҚАЛЛУБ ВА АМАЛҲОИ БА ИН МОНАНДРО ДАР ИМТИҲОНИ ДОХИЛШАВӢ РОҲ НАМЕДИҲАД.**

Аз навгонӣ то имтиёз

Имсол ҳам давраи бақайдгирии довталабон аз 1-уми март оғоз ёфт. Довталабон тавонистанд дар 34 шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, ки 40 нуқтаи бақайдгирӣ ва 25 нуқтаи бақайдгирии сайёр ташкил карда шудааст, давраи бақайдгириро гузаранд. Муҳлати бақайдгирӣ ҳам мисли солҳои қаблӣ имсол тамдид гардида, то 30-юми июн идома меёбад. Ҳоло довталабони макотиби олӣ дар баробари ҳуҷҷатсупорӣ, дар тараддуди омодагӣ ба имтиҳонҳои қарибулвуқуъ низ ҳастанд. Дар ин матлаб хонандагон доир ба тағйирот, навгониҳо, замону макони бақайдгирӣ, тарзи дурусти интихоби касб ва шаклу усули фаъолияти имсолаи ММТ маълумоти бештар хоҳанд гирифт.

Пеш аз ҳама, имсол дар нақшаи қабули донишҷӯён ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2022-2023 чанд тағйирот ворид шуд. Номи баъзе аз муассисаҳои таълимӣ тағйир ёфта, инчунин, баъзе ихтисосҳо аз феҳристҳо хориҷ гардиданд ва ба феҳристҳо якчанд комбинатсияи ихтисосҳои нав ворид карда шуд. Ба низоми ИМД Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд (ғайридавлатӣ) ворид карда шуд. Ин тағйиру иловаҳо баъд аз чопи дастури иттилоотию методии «Роҳнамои довталаб» ворид гардиданд. Ба довталабон тавсия дода мешавад, ки барои интихоби ихтисосҳо аз феҳристҳое, ки дар шакли чопӣ дар ҳар нуқтаи бақайдгирӣ дастрасанд, истифода намоянд. Нусхаи электронии феҳристҳои комбинатсияҳои ихтисосҳо дар сомонаи марказ низ бо назардошти тағйиру иловаҳои зикршуда ҷой дода шудаанд.

Инчунин, ба шахсоне, ки комбинатсияҳои ихтисосҳоро бо истифода аз гунаи чопии дастури иттилоотию методии «Роҳнамои довталаб» аллакай интихоб кардаанд, тавсия дода мешавад, ки бори дигар интихобҳояшонро бо истифода аз маводи нави нуқтаҳои бақайдгирӣ ё дар сомонаи ММТ муқоиса намоянд.

Довталабе, ки пас аз бақайдгирӣ боз мехоҳад ихтисосҳояшро иваз намояд, метавонад дар марҳилаи азнавбақайдгирӣ худро аз нав ба қайд гирад. Барои ин шиносномаи миллӣ ё маълумотнома бо муҳру сурат аз ШВКД, барои шахсоне, ки синнашон ба 16 расидааст (барои шахсони то 16-сола - шаҳодатномаи таваллуд, маълумотнома бо муҳру сурат аз ҷойи зист), варақаи бақайдгирии марҳалаи асосии бақайдгирӣ, рақами расид (квитансия) аз яке аз филиалҳои Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон “Амонатбонк” оид ба пардохти маблағи иловагӣ (барои марҳалаи асосии азнавбақайдгирӣ - аз 16-ум то 30-юми апрел) лозиманд.

Ҷараёни пардохти маблағи хизматрасонӣ

Барои аз қайд гузаштан ва иштирок дар имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ИМД) дар соли 2022 дар мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзиши хизматрасонӣ барои довталабон дар имтиҳонҳои мазкур муайян гардидааст. **Арзиши хизматрасонӣ аз зинаи таҳсилоти шахсе, ки дар ин имтиҳонҳо иштирок кардан мехоҳад, чунин аст:**

- 240 (дусаду чил) сомонӣ - барои шахсони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (хатмкунанда ё хатмкардаи синфи 11 ум), ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ;

- 180 (яксаду ҳаштод) сомонӣ - барои шахсони дорои таҳсилоти умумии асосӣ (хатмкунанда ё хатмкардаи синфи 9 ум);

- 25 (бисту панҷ) сомонӣ - барои марҳалаи асосии азнавбақайдгирӣ ҷиҳати иваз кардани интихобҳои аввалия.

Тибқи тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шахсони зерин дар пардохти маблағ барои хизматрасонӣ дар ИМД имтиёз пешбинӣ гардидааст:

ЧИРО БОЯД ДОНИСТ?

- шахсони то 21-солае, ки ятими кул ё бепарастораند, аз пардохти маблағ барои хизматрасонӣ дар ИМД пурра озоданд;

- шахсони то 21-солае, ки падар ё модарашон вафот кардааст ё дар парастории яке аз онҳоянд, аз пардохти маблағ барои хизматрасонӣ дар ИМД 50% озоданд;

- маъюбони гуруҳҳои 1-ум ва 2-юм ва "кӯдакони маъюб" аз пардохти маблағ барои хизматрасонӣ дар ИМД 50% озоданд;

- агар шахс ҳам маъюби гуруҳи 1-ум ё 2-юм ё "кӯдаки маъюб" бошаду ҳам падар ё модараш вафот карда бошад, ё дар парастории яке аз онҳо қарор дошта бошад, он гоҳ ӯ аз пардохти маблағ барои хизматрасонӣ дар ИМД озод аст.

Шахси аз пардохти 50 %-и маблағ барои хизматрасонӣ дар ИМД озодбуда, агар дорои таҳсилоти умумии асосӣ (хатмкунанда ё хатмкардаи синфи 9 ум) бошад, 90 (навад) сомонӣ ва агар шахси мазкур дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ё миёнаи касбӣ бошад, он гоҳ 120 (яксаду бист) сомонӣ пардохт мекунад. Ва ҳамчунин, шахсони дорои имтиёзҳои зикргардида ҳангоми бақайдгирӣ бояд ҳуҷҷатҳои дахлдорро пешниҳод кунанд.

Қобилияту истеъдод дар мадди аввал

Ҳар кас бояд ихтисосеро интихоб созад, ки ба табиату қобилияташ мувофиқ бошад. Довталаб бояд, пеш аз ҳама, олами маънавии худ - шавқу ҳавас, мехру садоқат ба касбу ихтисос, тафаккур ва қобилияту истеъдодашро ба назар гирад. Сипас бо ихтисосҳои мавчудае, ки майли интихоби онҳоро дорад, шинос шуда, хусусияту талаботи онҳоро фаҳмида, лаёқату донишу тавону имкони худро ба эътибор гирифта, онҳоро ихтиёр кунад.

Инро ҳам донистан лозим аст, ки аз рӯйи ихтисоси интихобкарда мутахассисонро кадом муассисаҳои таълимӣ омода мекунанд. Шумораи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаю олии касбӣ кам нест ва муҳим аст, ки барои дурусту дақиқ интихоб кардани онҳо низ довталаб имконият ва шароити худро дар мадди назар дошта, аз ҷумла меъёрҳои зеринро ба эътибор гирад:

• *шакли таҳсил (рӯзона, шабона, ғоибона, фосилавӣ) ва намуди таҳсил (ройгон, пулакӣ);*

• *макони ҷойгиршавии муассисаи таълимӣ;*

• *зерсохтори муассисаи таълимӣ (хобгоҳ, китобхона, толорҳои варзишию фарҳангӣ);*

• *нуфуз ва эътибор (рейтинг)-и муассисаи таълимӣ;*

• *фикру ақидаи аҳли ҷомеа дар бораи муассисаи таълимӣ.*

Тавозуни омори бақайдгирӣ

Тибқи маълумоти омории рафти бақайдгирии довталабон дар ИМД-2022 аз 1-уми март то 11-уми апрел шумораи довталабони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбии номнависшуда дар доираи гуруҳи ихтисосҳои 5-ум (тиб, биология ва варзиш) 101,54 %, дар доираи гуруҳи ихтисосҳои 3-юм (филология, педагогика ва санъат) 80,72 % ва дар доираи гуруҳи ихтисосҳои 4-ум (ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ) 79,95 %-ро аз нақшаи қабули ҳар яке аз ин гуруҳҳо ташкил медиҳад. Шумораи довталабони бақайдгирифтаи дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфи 11-ум), ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ дар доираи гуруҳи ихтисосҳои 1-ум (табиӣ ва техникӣ) ҳамагӣ 38,64 % ва дар доираи гуруҳи ихтисосҳои 2-юм (иқтисод ва география) 49,04 %-ро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи гуруҳҳои ихтисосҳои 5-ум, 4-ум ва 3-юм хеле кам аст.

Тақаллубкорӣ. Чиро бояд донист?

Дар соҳаи маориф, хусусан дар самти фаъолияти Маркази миллии тестӣ, ки чанд сол пегш таъсис ёфт, сарусадоҳо зиёд буданд ва ҳоло ҳам ба гӯш мерасанд. Яъне, довталабон ва волидайни онҳо ба шаффофияти низоми қабул ба макотиби олӣ боварӣ надоранд.

Бархе чунин мешуморанд, ки ҳоло ҳам чун қабл бидуни восита ё ба иборае "тағо" дохил шудан ба донишгоҳу донишкадаҳо мушкил аст. Аммо дар иртибот ба ин масъала масъулини ММТ ба ин назаранд, ки Маркази миллии тестӣ шаффофияту адолатро муҳимтарин усули кори худ қарор додааст ва таъмини онро дар ҳамаи равандu марҳалаҳои ИМД кафолат медиҳад. Вале ҳамзамон намояндагони ин Марказ вучуд доштани тақаллубкоронро, ки бо ваъда довталабонро фиреб мекунанд, аз эҳтимол дур намедонанд. Зимнан, иброз медоранд, ки шахсан мухолифи ҳар гуна тақаллубкорӣ дар соҳаи маориф ҳастанд ва бояд барои фаҳмондадиҳии довталабону волидайни онҳо воситаҳои муассир, бахусус ВАО ҷалб карда шаванд.

"Маркази миллии тестӣ дониш ва малакаю маҳорати ҳар яке аз довталабонро воқеӣ арзёбӣ карда, ҳеҷ гоҳ ба дахолати инсонӣ, яъне аз берун, тақаллуб ва амалҳои ба ин монандро дар имтиҳони дохилшавӣ роҳ намедиҳад. Мутаассифона, ба ин нигоҳ накарда, шахсони қаллобе ҳастанд, ки баъзе аз довталабон ва падару модари онҳоро фиреб дода, бо мақсади ба даст овардани маблағи муфт ваъдаи кумак кардан барои дохилшавӣ ба донишгоҳу донишкада ва коллеҷҳо медиҳанд. Аз ин рӯ, эҳтимоли рух додани амалҳои ғаразноку қаллобона ва авомфиребию ваъдаҳои бардурӯғ аз ҷониби баъзе шахсон дар бобати дохил кардани довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олии касбии ҷумҳурӣ мавҷуд аст",- иброз медорад **Абдулбосит ШОДИНИЁ**, муовини якуми директори Маркази миллии тестӣ.



Масъулин иброз медоранд, ки барои пешгирӣ аз амалҳои қаллобӣ дар раванди ИМД ва паҳн шудани фикру андешаи нодуруст нисбат ба фаъолияти Марказ дар байни ҷомеа довталабон ва алоқамандони низоми ИМД бояд бетараф набошанд. Ба қаллобоне, ки бо ниятҳои нопок довталабон ва ё наздикони онҳоро бовар кунонданӣ мешаванд, ки гӯё барои довталабро ба мактаби дилхоҳаш дохил кардан ёрӣ расонида метавонанд, ҳатто агар онҳо воқеан корманди Марказ ҳам бошанд, ҳаргиз бовар накунанд.

Ба назари инҷониб, агар довталабон аз имконоти Маркази миллии тестӣ огоҳ бошанд, онро ҳадафмандона ва дуруст истифода кунанд, рух додани амалҳои номатлуб, аз қабили қаллобӣ, мардумфиребӣ аз байн хоҳад рафт. Аммо эҳтимолияте низ вуҷуд дорад, ки тақаллубкорӣ воқеан ҳам роҳ ёбад ва довталабон ба доми қаллобон афтанд. Дар ин сурат чӣ бояд кард? Пеш аз ҳама, довталабон ва пайвандони онҳо бояд маълумоти вобаста ба раванди қабул ба муассисаи таҳсилоти олиро санҷанд, дастурамалҳои дохилшавӣ ба муассисаи олиро пурра омӯзанд, муқоиса ва хулосабарорӣ карда тавонанд. Ҳамчунин, бояд дар бораи муроҷиат ба ниҳодҳои масъул, масалан, Маркази миллии тестӣ, Вазорати маориф ва илму Хадамоти назорат дар соҳаи маориф ва мақомоти тафтишотию судӣ тасаввурот дошта бошанд.

Зимнан, тариқи расонаҳои чопию электронӣ шартҳою тартиби ҳуҷҷату имтиҳонсупорӣ ва дохил шудан ба макотиби олӣ бештар шарҳу тавзеҳ дода шаванд. Ин кор асосан ба дӯши ниҳодҳои танзимкунандаи соҳаи маориф аст, ки аллакай чанд моҳ пеш аз оғози ҳуҷҷатсупорӣ бояд амалӣ карда шавад.

Усмон РАҲИМЗОДА

МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ
оид ба рафти интихоби гурӯҳҳои ихтисосҳо аз ҷониби довталабони соли таҳсили 2022-2023 дар раванди бақайдгирӣ ба имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (дар заминаи таҳсилоти миёнаи умумӣ – синфи 11-ум)

аз 1-уми март то 30-юми апрели соли 2022

Гурӯҳҳои ихтисосҳо														ДАР МАҶМӮЪ		
1-ум: "Табиӣ ва техникӣ"			2-юм: "Иқтисод ва география"			3-юм: "Филология, педагогика ва санъат"			4-ум: "Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ"			5-ум: "Тиб, биология ва варзиш"					
Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*	Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*	Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*	Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*	Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*	Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*
23284	11553	-50,38	22022	13998	-36,44	15703	15608	-0,60	6868	6882	0,20	27931	33840	21,16	95808	81881	-14,54

*** Эзоҳ:** *аломати "–" нисбат ба нақшаи қабул кам ва аломати "+" нисбат ба нақшаи қабул зиёд будани ҳиссаи довталабони азқайдгузаштаро мефаҳмонад.*

МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ
оид ба рафти интихоби гурӯҳҳои ихтисосҳо аз ҷониби довталабони соли таҳсили 2022-2023 дар раванди бақайдгирӣ ба имтиҳонҳои марказонидаи дохилшавӣ (дар заминаи таҳсилоти умумии асосӣ – синфи 9-ум)

аз 1-уми март то 30-юми апрели соли 2022

Гурӯҳҳои ихтисосҳо														ДАР МАҶМӮЪ		
1-ум: "Табиӣ ва техникӣ"			2-юм: "Иқтисод ва география"			3-юм: "Филология, педагогика ва санъат"			4-ум: "Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ"			5-ум: "Тиб, биология ва варзиш"					
Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*	Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*	Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*	Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*	Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*	Нақшаи қабул	Миқдори довталабон	%-и муқоисавӣ*
2438	727	-70,18	1203	538	-55,28	1101	797	-27,61	24	17	-29,17	5423	10655	96,48	10189	12734	24,98

*** Эзоҳ:** *аломати "–" нисбат ба нақшаи қабул кам ва аломати "+" нисбат ба нақшаи қабул зиёд будани ҳиссаи довталабони азқайдгузаштаро мефаҳмонад.*



СИНДИ МАККЕЙН ДАР БОХТАР

3500 оила бо обӣ нӯшокӣ таъмин шуданд

Аз соли 1992 то ҳол Ҳукумати Амрико 130 миллион доллар ба кишоварзони Тоҷикистон барои таъмини амнияти озуқаворӣ ва таъмини рӯзгори коргарон дар бахши кишоварзӣ кумак кардааст.

8-уми июл гуруҳе аз рӯзноманигорон якҷо бо хонум Синди Маккейн, сафири ИМА дар оҷонсиҳои озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид дар Рум аз ноҳияҳои Хатлон, ки солҳо инҷониб аз набудани оби нӯшокӣ танқисӣ мекашиданд ва имрӯз бо кумаки Амрико соҳиби оби тоза шуданд, дидан намуданд. Лоиҳаи мазкур Ассотсиатсияҳои истифодабарандагони обро, ки ба ҷамоатҳои маҳаллӣ дар идоракунии захираҳои обӣ кумак мерасонанд, дастгирӣ мекунад.

Тавре мушоҳида гардид, дар минтақаи Чорбоғи шаҳри Бохтар 3500 хонавода соҳиби обӣ нӯшокӣ гардидаанд. Ҳамчунин, рӯзноманигорон аз навоҳии Леваканд ва Кӯшониён дидан намуданд.

Синди Маккейн аз он изҳори хушнудӣ кард, ки мардуми ин сарзамин ӯро бо хушнудӣ қабул карданд. Синди Маккейн, сафири ИМА дар оҷонсиҳои озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид дар оғози суҳбат бо сокинони ин минтақа изҳор дошт, ки маҳз бо талошҳои мардуми ин минтақа онҳо тавонистанд соҳиби обӣ нӯшокӣ гарданд. Дар ин маврид диққати Синди Маккейнро занҳои ин деҳа зиёдтар ҷалб намуданд. Аҳолии ин деҳа бар он назаранд, ки масъалаи оби нӯшокӣ, ки барои як куб об 3 сомониро ташкил медиҳад, ҳеҷ маблағе нест, зеро имрӯз сокинон аз об танқисӣ намекашанд.

Синди Маккейн баъд аз суҳбат бо сокинон пурсид, ки “баъди таъмини мардум бо оби нӯшокӣ дар зиндагӣ чӣ тағйирот ворид шуд?”.

Шаҳло Субҳонова, яке аз сокинони минтақаи Чорбоғи





шаҳри Бохтар мегӯяд, ки «бо оби нӯшокӣ таъмин гардидани сокинон бо дастгирии лоиҳаи USAID амалӣ шуд. Мақсад аз ташкили ин лоиҳа оқилона зиндагӣ кардани мардуми деҳот ва сарфакорона истифода бурдани обӣ нӯшокӣ аст. Бо ин мақсад дар деҳа бо занон ва мардон машваратҳо гузаронида шуд. То имрӯз сокинони аҳолии деҳот аз оби нӯшокӣ зиёд танқисӣ мекашиданд. Гарчанде аз деҳа канали оби нӯшокӣ мегузарад, аммо ба талабот ҷавобгӯ нест. Маҳз бо дастгирии лоиҳаи USAID ҳар як хоҷагӣ бо оби нӯшокии тоза таъмин гардид».

Аслан, то ин замон набудани об барои занҳо мушкили аввалиндараҷа буд. Онҳо маҷбур буданд, ки аз масофаи дур обро биёранд. Ҳатто, то ин дам дар баъзе кӯчаҳои манотиқи Хатлон қубурҳои обтаъминкунӣ набуд. Хушбахтона, имрӯз ин муаммо ҳалли худро пайдо кард.

Занҳои ин минтақа мушахасан мисолҳое оварданд, ки баъди таъмини минтақаи онҳо бо обӣ нӯшокӣ зиндагии онҳо ба куллӣ тағйир ёфт. Онҳо гуфтанд, ки “кӯдакони мо имрӯз бемалол ва нотарсида аз оби нӯшокӣ истифода мебаранд”. “Баъд аз таъмини минтақаи Чорбоғи шаҳри Бохтор бо обӣ нӯшокӣ сатҳи сироятёбӣ аз бемориҳои сироятӣ хеле кам ба назар мерасад”,- изҳор доштанд занҳои минтақаи Чорбоғ.

Синди Маккейн, сафири ИМА дар оҷонсиихои озуқа ва кишоварзии Созмони Миллали Муттаҳид аз гармхонаҳои ноҳияи Кӯшониён дидан намуд. Баъд аз суҳбат бо сокинони ин минтақа Синди Маккейн ба хулоса омад, ки то ин дам мардум аз надоштани обӣ нӯшокӣ хеле танқисӣ мекашиданд, ки имрӯз ин мушкилии онҳо роҳи ҳалли худро ёфт. Дар доираи ин лоиҳа 80 нафар аҳолии ин минтақа (40 нафар мард ва 40 нафар занон) бо малакаи корҳои сантехникӣ омӯзиш гузарониданд. Аз ҷониби занон ва мардони ин деҳа гуруҳҳои сантехникӣ ташкил карда шуд. Бо ин роҳ аҳолии ин минтақа тавонистанд таъмини обҳои нӯшокиро ба роҳ монанд.

Гарчанде дар деҳа аз ҷӯйҳо об мегузашт, оби тозаи ба талабот ҷавобгӯ набуд. Асосан дар ин деҳа мушкилоти об ба занон вобастагии зиёд дошт.

Дар охир сокинони таъмин бо оби нӯшокӣ миннатдории худро ба хонум Синди Маккейн, сафири ИМА дар оҷонсиҳои озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид дар Рум расониданд.

Ҳукумати ИМА 3200 чоҳи обрасониро насб ва ё таъмир намудааст, ки беш аз 235 000 нафарро дар саросари Тоҷикистон бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин мекунад.

У. ҚУТБИДДИН

РАҲИМИ ҒАРМӢ БА ҒАРИБШО ХОНА ДОД

Ҳаҷвнигори шинохтаи тоҷик Бахтиёр Раҳимов, роҳбари гуруҳи ҳаҷвии “Ғарибшо”, ки беш аз 30 сол иҷоранишин буд, бо кумаки соҳибкори шинохтаи тоҷик Раҳим Бобоҷонов, ки бо тахаллуси Раҳими Ғармӣ маъруф аст, соҳиби манзили зист шуд.

Чанд рӯз пеш Бахтиёр Раҳимов тариқи Ютуб-канали ORZU ба сокинони кишвар ва тоҷирон мурочиат карда, хоҳиш намуда буд, ки барои соҳиби манзили зист шуданаш кумак кунанд.

Мавсуф бо ишора ба печидагиҳои зиндагии хеш иброз дошта буд: “Сабр бисёр чизи хуб аст, лекин 30 сол тоқат кардам, таҳаммул кардам, гуфтам, ки аз ман бештар ниёзмандон ҳастанд. Ва ба қароре омадам, ки ба шумо мурочиат кунам, ба он нафароне, ки дасти хайр доранд, ба он нафароне, ки шароити хуб доранд, ба он нафароне, ки саҳмгузор ҳастанд, барои мушкилоти худамро ҳал кардан. Ман мушкили манзил дорам”.

Пас аз ду рӯз, санаи 15-уми июн дар навори нав Бахтиёр Раҳимов бо хушҳолӣ хабар дод, ки Раҳими Ғармӣ бар ивази 60 ҳазор доллари ИМА барояш хонаи истиқоматӣ харидааст.

“Каме корҳои ҳуҷҷатгузорӣ мондааст, иншоолоҳ ба хонаи нав медароем ва аз рафти ин воқеа ба шумо навор пешниҳод хоҳем кард”,-мегӯяд Бахтиёр Раҳимов.

Ӯ ҳамчунин аз тамоми мардуми Тоҷикистон, бухусус аз Раҳими Ғармӣ изҳори миннатдорӣ кардааст.



1-УМИ АВГУСТ -

оғози таҳсил барои хонандагони синфи 1

Вазорати маориф ва илми Тоҷикистон гуфт, ки дарс барои хонандагони синфи якум дар Тоҷикистон як моҳ пештар аз оғози соли хониши маъмулӣ, яъне 1-уми август оғоз мешавад. Дар ин бора муовини сардори Раёсати таҳсилоти миёнаи умумии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Зиёратшоҳ Назруллозода хабар медиҳад.

Ин дар ҳолест, ки ҳуҷҷатсупорӣ барои таҳсил дар синфи 1-ум дар Тоҷикистон 1-уми июл оғоз мешавад.

Ба гуфти Назруллозода, феълан дар тамоми муассисаҳои таълимии мамлакат омодагӣ ба соли нави хониш дар сатҳи баланд ҷараён дорад.

Тибқи Низомномаи намунавии Вазорати маориф ва илм, дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ба синфи якум қабул намудани хонандагон ҳуҷҷатҳои зерин заруранд:

- *варақаи шахсии хонанда;*
- *ду дона расми се ба чор;*
- *аризаи волидайн оид ба қабул;*
- *шаҳодатномаи таваллуди кӯдак;*
- *ҳуҷҷати тиббӣ;*
- *дунусхагӣ шиносномаи волидайн;*
- *шаҳодатномаи ақди никоҳ;*
- *маълумотнома аз ҷои зист.*



ҶАМЪИЯТИ ПАРОКАНДАИ ЖУРНАЛИСТОН

(Аввалаш дар саҳ.5)



Ҳоло мо ягон санаде надорем, ки фаҳмида бошем: чанд нашрияи озод (яъне худкифо, бо буҷаи худаш фаъолияткунанда) ва чанд нашрия дар сатҳи маҳал дорем, ки аз буҷаи мақомоти идораи маҳал интишор мешаванд. Ба ҳар сурат ки бошад, бо назардошти вазъи умумии иқтисоду молияи кишвар нашрияҳои маҳаллӣ наметавонанд фаъолияти мунтазам ва ба нафъи мардум дошта бошанд. Ягона коре, ки мекунанд, санадҳои маҳаллиро чоп мекунанду халос... Аз матолиби танқидӣ барои ислоҳи мушкилоти маҳал ҳоҷати сухан ҳам нест...

Нашрия (дилхоҳ нашрия, чӣ маҳалливу чӣ марказӣ) агар матолиби танқидӣ (ошкор намудани нуқсу иллатҳо, ба баррасӣ кашидани ин ё он тадбир, баҳс сари мавзуоти муҳимми иҷтимоӣ ва ғайра) чоп накунад, нашрияи воқеӣ ва лозим ҳисоб шуданаш ҳеҷ мумкин нест... Журналистика бояд майдони гирудори масъалаву муаммоҳо, пешниҳоди идеяҳо, таҳрик додани ҷомеа ба ҳадафҳои нек бошад, агар инҳо набошанд, пас, журналистика хасакист, ҳубоби болои мавҷро мемонад...

Дигар сохторе, ки бино ба иқрори роҳбараш дар шабакаҳои иҷтимоӣ, ройгон амал мекунад ва рисолатҳое дорад, Шӯрои ВАО аст. Банда ягон ҳисоботи ин шӯроро нахондаам, то ҳарфи санҷида бигӯям. Аммо аз чанд ҳодисаи ахир чунин хулоса мекунам, ки мавқеи ин сохтор чандон устувор нест, гӯё корҳое мекунад, аммо аз он корҳо барои ҷомеаи қаламкашон чӣ нафъе ҳаст, намедонам... Боз ҳаст НАНСМИТ, ҳаст "Хома", ҳаст Академияи ВАО ва чанд сохтори дигар. Азбаски ҳамаи инҳо ҳар яке ба сари худ фаъолият мекунанд, вале бо ҳам робита надоранд, чунин тасаввур ҳосил мешавад, ки ҷомеаи журналистон пароканда аст, ҷомеаи воҳид нест... Ҳамин ҳодисаи як бор раддияву баъди чанде зиддираддия ба табъ расонидани бархе нашрияҳо гувоҳи парокандагии ҷомеаи аҳли қалам ва адами як системаи муайян дар фазосозии журналистони ҳирфаист.

Аз рӯи бархе аломату нишонаҳои муҳим Тоҷикистони имрӯза марҳалаи маърифат ё маорифпавариро пушти сар мекунад, ки давраи ниҳоят ҳассос ва пурмасъулият аст. Тақрибан дусад сол қабл кишварҳои аврупоӣ ҳамин марҳаларо пушти сар карда, имрӯз нигини тарзи хуби давлатдорӣ дар ангуштарии олам гаштаанд. Муборизаву талош барои аз байн бурдани ҳама камбудҳо дар низоми маорифу илму ҳунар, хурофоту тангназариҳо, ривоҷи ҷунбиши секулорӣ аз як сӯ, аз ҷониби дигар - ҳосил кардани идеяҳои ҷадид барои дурнамои рушди давлату ҷомеаҳо бархе кишварҳоро ончунон пешрав кард, ки мо бо ҳавас ба онҳо менигарем ва мисли онҳо буданро орзу мекунем. Бояд гӯям, ки яке аз авомили асосии ин гуна пешрафтҳо матбуот буд, ки бо ғояҳои тараққихоҳонааш рисолати раҳнамо будан ба давлату давлатмардонро иҷро мекард...

Таърихи матбуоти баъди ҷанги дувуми ҷаҳон гувоҳ аст, ки дар Ғарб матбуот муҳаррики асосии дигаргуниҳо шуд: ҳатто сарвазирону сарварони давлат ҳамарӯза корашонро аз қироати рӯзгомаҳои субҳгоҳӣ оғоз мекарданд. Муҳимтарин кор ин аст, ки аҳли қалам бояд такондиҳандаи ҷомеаи шаҳрвандӣ бошанд. Ҳам таконбахш ва ҳам раҳнамо. Ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки фаразан аз як гуруҳи хурди шоҳмотбозон ё иттиҳоди волидони як мактаб, ё як ҳизб, ё як созмони ҷамъиятии назорати кӯдакон ва ғайраву ҳоказо иборат аст, ҳамеша ба кумаки мафкуравии аҳли қалам ниёз дорад. Аз ин ҷиҳат, агар ҷомеаи аҳли қалам устувору маҳкам нест, пас, ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳам нест, яке бе дигаре наметавонад коре анҷом диҳад. Ҳол он ки, сутуни асосии неруи давлат (дилхоҳ давлат) ҷомеаи шаҳрвандист. Ҳама сохторҳое, ки ба қаламу коғаз ва василаҳои электронии иттилоърасонӣ шуғл доранд, ҷузъи ҳамин ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳастанд, чунки бо ҷомеа ҳамарӯза дар робита қарор доранд. Таърихи кишварҳои пешрафта гувоҳ аст, ки ҳар қадар ҷомеаи шаҳрвандӣ низоми дуруст ва неруи баланди таҳлили вазъ дошта бошад, ҳамон андоза қонуният беҳтар таъмин хоҳад шуд. Чаро бархе одамон қонунро рӯирост вайрон мекунанду бе ҷазо мемонанд? Чунки ҷомеаи шаҳрвандӣ суст аст. Ҳама гуна қонун иҷро мешавад, агар назорати он аз ду ҷониб бошад: аз боло (мақомоти иҷрокунанда ва назоратгар) ва аз пойин (ҷомеаи шаҳрвандӣ). Бояд система бошад ва кор кунад.

Соли 1912 нашри рӯзномаи "Бухорои шариф"-ро ба он хотир роҳандозӣ карданд, ки ҷомеаи Бухоро ба ҳамин василаи таъсир ба тафаккури шахшудаи мардум ниёз дошт. Мирзо Сироҷи Ҳаким дар як ҷумла ду нуктаи муҳимро ишора кард, ки дар шумораи аввали ин рӯзнома чоп шудааст: "Бояд мувофиқати вақт ва салоҳи замонаро мулоҳиза кард...". Мувофиқати вақт, яъне чӣ? Вақти мусоидро аз даст надодан. Салоҳи замона чӣ? Ба эътибор гирифтани вазъи иҷтимоию сиёсӣ, дониста кор кардан ва ҳарфи лозим гуфтан...

Ӯ дар мақолаи «Ғояти омол» навишт: «... рӯзнома беҳтарин асбобе ҳаст дар нашру таъмини маориф ва мувозинаест байни навъи инсонӣ». Аз он даврa беш аз сад сол гузашта бошад ҳам, ҳанӯз ин андеша моҳият ва зарураташро аз даст надодааст. Ҳамчунин ибораи «маслаки тараққихоҳона», ки дар эъломияи рӯзнома чун ҳадафи асосии ин нашрия гӯшзад мешавад, қобили андеша аст. Маслаки тараққихоҳона ҳадафи ҳама гуна нашрияҳоест, ки бо омма сарукор доранд. Аз ҳар навъи нашрияҳо, чи расмиву чи мустақил, хонанда барои тафаккури худ мавод меёбад, ҳатто аз кӯчактарин хабар. Муҳим аст, ки ин мавод барои рушди андешаи ӯ мусоидат кунад, шуурро ба таҳрик оварад, таконе чиҳати пешрафт дар амалҳои минбаъдаи ӯ ба вуҷуд орад.

Маводе, ки чизе барои тафаккур намедиҳад, набуданаш беҳтар. Аслан, сабаби ҳама гуна бефитратиҳо ва нотавониҳо, таассубу бозмондагиҳо рукуди тафаккур аст. Беихтиёр суханони Лев Николаевич Толстой ба хотир мерасад: «Вақте ки фалокате ба сарат омад, бидон, ки ин бало на аз амали ту, балки аз чӣ тарз андеша кардани ту сар задааст». Ин панди муаллифи «Ҷанг ва сулҳ» эҳтиёҷе ба тафсир надорад. Маҳз андеша, ки Синои бузург онро дар радифи анвои панҷгонаи маҳсуссоти ботин мегузорад, инсонро ба маънии томаш ташаккулу такомул медиҳад. Доиман дар истеъмол калимаи "камолот" аст, камолоти илмиву маънавӣ, камолоти ахлоқӣ ва ғайраву ҳоказо. Аммо набояд нодида гирифт, ки меъёри камолот низ андеша аст, чунон ки Августин гуфта: «Камолот - ин андешаву дониши инсон аз бекамолии худи ӯст». Ҳар қадар мо аз бекамолии хеш биандешему онро пинҳон накунем ва пайваставу ҳамеша пайи ислоҳи он бошем, ба камолот наздик хоҳем рафт. Байти Бедили бузург ба хотир мерасад:

Бар матлаби баланд ба сахтӣ тавон расид,
Дар кӯҳ печутоб хӯрад роҳ бештар...

Ҳамин тавр, аз як ҷавони донишгоҳ мешунавад, набояд ранҷид, зеро ӯ танҳо маводи дафтарро аз бар кардааст, аммо маводе барои андешаву тафаккур нагирифтааст. Воқеан, дар бораи Ҳемингуэй. Бузургтарин асари адиб - «Пирамард ва дарё»-и ӯ баъди нашр сарусадоҳои зиёде дар миёни аҳли нақд ба вуҷуд овард: воқеаи сода, сужаи сода, гӯиё як ҳодисаи хеле одӣ. На қаҳрамонии муҳташам, на перипетияи тезутунд, хуллас, як саргузашти муқаррарии мӯйсафеди моҳигир. Ӯ дар посух назарияи «айсберг»-ро манзур намуд, ки муҳтавояш бо ду ҷумла чунин аст: қисмати бузурги куҳи яхин зери об аст, танҳо як пораи хурдаш болои об. Нависандаи моҳиятбину тавоно танҳо ҳамон қисмати рӯи обро менависад, тафаккури қисми поёнаш, ки бузургтар аст, ба фаҳму дарки хонанда ҳавола хоҳад шуд. Яъне адиб маводи андаке барои андешаи бузург медиҳад, андешае, ки дар ҳар давру замон тобишҳои гуногун пайдо хоҳад кард, андешае, ки боз андешаҳои нову тоза маҳсул хоҳад дод. Фикр мекунам, ки маводи рӯзнома низ бояд чунин бошад, аммо ин ҳанӯз орзуе беш нест.

«Касе, ки равшану саҳеҳ фикр мекунад, ҳамон гуна эҷод карда метавонад»,- мегӯяд файласуфи маъруф Артур Шопенгауэр. Ин беҳтарин шиор барои ҳар рӯзномаву ҳафтанома хоҳад буд. Имрӯз масъалаи рушди тафаккур, роҳҳои ба мулки андеша ворид намудани ҷавонон, худогоҳиву худшиносӣ ба масоили аввалдарачаи камолоти маънавии ҷомеа табдил ёфтааст, ғафлату ноогоҳӣ аз мавқеи худ дар миёни омма, адами ҷаҳонбиниву назари густурда ба авзои ҷомеа, нобоварӣ ба худ ва муносибати нигилистона ба низому тартибот ба як навъ бемории иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Илоҷи ҳама гуна коҳиливу бемориву вомондагӣ дар адами рушди фикр аст.

... Филипп Грэм газетаро нахустин мусаввадаи таърих мегӯяд. Артур Миллер менависад, ки газетаи хуб ҳамонест, ки миллат дар он мудом дар ҳоли муошират бошад. М. Арнолд журналистикаро адабиёти дар ҳолати давидан арзёбӣ кардааст. Хуго Штейнхаус менависад: «Барои навиштан дар газета ягон хел тахассус лозим нест, аммо барои хонданаш ашё, ҷаҳон ва одамонро то ҳадди комил донистан шарт аст». Аз ҳама аҷиб сухани Наполеон аст: «Ман аз аз сад шамшер дида аз се газета бештар метарсам». Ҷамъбасти ҳама ин гуфтори бузургони сухан, ба андешаи мо, як чиз аст: инсонро ба андешаи неку бади зиндагӣ водор намудан, ки маводаш ҳамоно маъно ва сухани созанда аст. Аммо сухани созандаро озодии сухан мебояд, вагарна он хушку беранг хоҳад баромад. Маҳз озодии сухан имкон медиҳад, ки матбуот дар ҳар марҳилае чаҳор вазифаи аслиашро иҷро бикунад: хабар додану маърифатнок намудан, саргарм кардан ва ниҳоят намоиш додан (ё реклама кардан). Аз ин чаҳор функсия барои матбуоти тоҷик аз маърифатнок намудани омма дида вазифаи муҳимтаре нест, зеро моҳияти ҳама иқдомоти солҳои ахир идомаи давр ни маорифпарварист: навсозии сохторҳои иҷтимоӣ, кӯшишҳои рушди фарҳангу маънавият, боло бурдани худшиносии иҷтимоию маънавии мардум, ба иҷтимоиёт нигаронидани сиёсати иқтисодӣ ва ғайраву ҳоказо.

Озодии сухан таҳкурсӣ ва ё решаи матбуот аст, ки бидуни он наметавон фаъолияти густурдаи маҷаллаву рӯзнома ва ҳафтаномаҳоро таъмин кард. Аммо озодии суханро танҳо ба маънои гуфтани ҳама чизи дар майна пайдошуда набояд фаҳмид. Ончунон ки чунин манзараи номатлуб - ҳарзагӯиву жожхоӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле зиёд ба назар мерасад.

Мутаассифона, на дар сохти буржуазӣ ва на дар сохти сотсиалистӣ озодии баён ба куллӣ дар ҳаёт татбиқ нашуд. Дар ҷомеаҳои худкома аз озодии баён нишоне нест, зеро ҳузури худи шахсиятҳои худрӯйи иҷтимоӣ хатаре ба сиҳатии сохтор хоҳад буд. Озодии сухан, қабл аз ҳама, ҳуқуқ аст, ҳуқуқи мустақилона андеша кардан ва мавқеи фикрии хешро доштан ва ҳам баён кардани он ва низ ҳифз карда тавонистани он.

Аз ин рӯ, яке аз меъёрҳои асосии ҷомеаи ҳуқуқбунёд ҳамин аст, ки шаҳрванд барои афкораш таъқиб нагардад ва мавриди табъиз қарор нагирад. Дар кулл, озодии баён маънои озодона баён намудани андеша, ғоя ва мулоҳиза ва ба таври қонунӣ интишор намудани онҳоро дорад. Паҳлуи дигараш - ҳуқуқи дастрасӣ ба сарчашмаи иттилоот. Матбуот имрӯз садранга аст ва шарт нест, ки чунин рангорангӣ ба шуури хонанда талқин шавад. Ихтиёри қабул ва ё инкори ин ё он андеша, иттилоот ва ё маҳсулоти дигари фикриро ба хонанда бояд вогузошт. Ин беҳтарин хулоса аст.

Ҳафиз РАҲМОН,
публитсист

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

МЕФУРӮШАМ

► Бӯстонсаро (дача) дар деҳаи Дарёбод, ҷамоати деҳоти Зайнабобод, ноҳияи Рӯдакӣ. Иборат аз 6 сотих замин. Бинои истиқоматӣ иборат аз таҳхона, пешайвон, ду ҳуҷраи истиқоматӣ, ошхона. Шиносномаи техникӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ дорад. Нарх шартномавӣ. Тел.: 918-73-40-10.

НИЁЗ ДОРЕМ

► Ширкати Ариана Туннел Садд кормандони зеринро дар НБО “Роғун” ба кор даъват менамояд: коргари қаторӣ, ронандаи миксер, ронандаи мошини боркаш, ронандаи мехлопата, ронандаи булдозер-экскаватор. Маош шартномавӣ. Тел.: 989-99-14-09, 989-99-14-33, 989-99-13-10, 989-99-13-51.

► Дар литсейи хусусии “Эҳсон”-и ноҳияи Сино омӯзгор аз фанни математика, забони модарӣ, забони русӣ, англисӣ ва синфи ибтидоӣ лозим аст. Собиқаи корӣ на камтар аз 5 сол ва маъмулоти олӣ дошта бошад. Музди кор шартномавӣ. Тел.: 981-08-16-54, 988-22-44-54.

► Дар сехи сангтарошӣ коргар лозим аст. Маош аз 1000 сомон сар мешавад: Тел.: 94-94-11-111.

ОМӮЗИШ

► Дарсҳои иловагӣ барои синфҳои аз 1 то 4. Тел.: 987-53-45-75.

► Дарсҳои иловагӣ аз фанни математика, алгебра, геометрия барои синфҳои аз 4 то 8. Хоҳишмандон метавонанд бо суроғаи гузаргоҳи сеюми кӯчаи Қаҳоров, хонаи 6 муроҷиат намоянд. Тел.: 100-709-595.

МЕХАРЕМ

► Холодилникҳо, кондитсионерҳо, телевизорҳо, қолинҳо ва мебел. Тел.: 987-83-83-25, 905-10-27-31.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Билети ҳарбии НС №5913506 аз 25.11 соли 1994, ки аз тарафи Комиссариати ҳарбии ноҳияи Восеъ ба Муминов Бобоназар Ғоибович дода шудааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Саидмуродов Навруз Облобердиевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Пулодзода Ҷонона Мустафоқуловна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Шерализода 6/1, ҳуҷраи 6 ба номи Алиакбари Маҳмадраҳим, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ва шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Шерализода 6/1, ҳуҷраи 6 ба номи Қурбонов Алиакбар, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми А 006238-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳияи Шоҳмансур соли 1997 ба Каширов Геннадий Витальевич додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0256511 бо рақами қайди №549-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2020 ба Нарзуллоев Соҳиб Собирҷонович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТА №1217850-и гумшуда, ки онро Гимназияи №1 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе соли 2021 ба Саидов Тоҳир Аслиддинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми №0062670-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №19-и ноҳияи Сино соли 2006 ба Ахмедова Нигора Нағмитдиновна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ЕТ-1 №066991 бо рақами қайди №1618-и гумшуда, ки онро Медучилиши №1-и шаҳри Душанбе соли 1984 ба Тагаева Робия Садыковна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми Т-АТУ №0747555-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №42-и ноҳияи Фирдавсӣ соли 2018 ба Емельянова Евгения Владимировна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А01312159-и гумшуда, ки онро ШВКД-и ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ 13.03 соли 2018 ба Абдусаломзода Исломиддин додааст, беэътибор дониста шавад.

► Рақами дафтарча №0400002210, Аппарати касса, тамғаи МНХ: ОКА ПФ. Рақами ба МНХ гузошташуда: 29515, ба номи Чумаев Умедчон Рачабович, РЯМ: 0430045431, РМА: 045818406, ширкат ва кишвари истеҳсолкунанда: ОАО "АРКУС-Д", санаи додани дафтарча 19.05.2012, маҳали ҷойгиршавии МНХ: шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, Ҷ. Расулов, 10 бинобар гум шудан, беэътибор дониста шаванд.

► Дафтарчаи чеки гумшуда, ки он соли 2022 дар Аввалин бонки молиявии хурд ба номи ҶДММ "Нури рушной" ба қайд гирифта шуда буд, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати таҳти №1221844 3-и гумшуда, ки онро мактаби №25-и шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино соли 2001 ба Саидова Сайёра Гоибназаровна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми АН№212868-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №88-и ноҳияи Сино соли 1994 ба Одинаев Махмадрахим Сиехмардонович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми А №0643354-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №91-и ноҳияи Сино соли таҳсили 2018-2019 ба Одинаев Газанфар Бекмуродович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Созишномаи бекор кардани шартнома таҳти феҳрести 9ш-1410 аз 11.11 соли 2020, ки онро нотариуси Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Гипрозем 8, ҳуҷраи 6 ба Самадов Ҷонибек Холназарович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи даҳуми Т-АТУ №0974899-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №127-и (собиқ МТМУ №57) ноҳияи Фирдавсӣ соли 1985 ба Саидҳомидова Сафармо Саидҳокимовна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Сангинов Немат, РЯМ: 3330075916, РМА: 335376481 бинобар гум шудан, беэътибор доинста шавад.

► Дафтарчаи имтиҳонотии гумшуда, ки онро Коллеҷи омӯзгории ба номи Х. Махсумоваи ДДОТ ба номи С. Айнӣ соли 2019 ба Таибов Давлатбек Маҳмаюсуфович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи нуҳуми АБ №119722-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №43-и ноҳияи Сино соли 1996 ба Бачабекова Гулрухон Назаралиевна додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳимоев Фируз Маҷидович, РЯМ: 0130144924, РМА: 056411417, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансур соли 2016 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Мардонов Акмалҷон, РЯМ: 3330043512, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Аттестати хатми синфи ёздаҳуми Т-АТУ №0278905-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №25-и ба номи Убайд Рағаби ноҳияи Сино 02.07 соли 2016 ба Иноятов Муҳаммадҷон Баҳодурович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳрести 1Ш-260 аз 16.03.2012, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Рӯдакӣ бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Навобод, кӯчаи Кушониён, хонаи 16/2, ҳуҷраи 14 ба Валиев Бехруз Хакимхонович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0148446 бо рақами қайди №2547-и гумшуда, ки онро ДМТ соли 2013 ба Асоев Парвиз Айнидинович додааст, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Махкамов Рустам, РМА: 045156908, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино соли 2022 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҷалилов Саидмуҳаммад Нураҳмадович, №0284907, РЯМ: 0430188807, РМА: 245080103, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 13.04 соли 2017 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳисайнҷони Нураҳмад, №0284909, РЯМ: 0430211412, РМА: 245553828, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино 15.04 соли 2017 додааст, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД


► ҶДММ “СБ Осиё" №0274628, РЯМ: 1210013723, РМА: 1200442 02 фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

Тақвими моҳона



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафтаи серташвиш ба ҳисоб меравад, рӯйдодҳои гуногун саратонро гиҷ мекунанд. Пеш аз чизе гуфтан аввал хуб фикр кунед ва аз маслиҳату мадади дӯстонатон истифода намоед. Дар муносибатҳои ошиқонаи ҳамалҳо тағйироти ҷиддӣ ба амал омада метавонанд.



Савр
21.04 - 21.05

Рӯзи душанбе ё сешанбе даромади пулӣ ба даст меоред, вале онро яку якбора сарф накунед. Саломатиатон шуморо ба изтироб меорад. Кӯшиш кунед, ки дар муддати кӯтоҳ қувваю мадоратонро барқарор намоед, зеро ба шариконатон маслиҳату кумаки шумо зарур мешавад.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Вазъи иқтисодиатон якбора хуб мешавад. Даромади калони пулӣ табъатонро хушу руҳатонро болида хоҳад гардонд. Қарзи додаатонро бармегардонанд ё мукофотпулӣ мегиред. Умуман, ин ҳафта ситораҳо пуштибону дӯсти беҳтарини зодагони бурҷи ҷавзо хоҳанд гашт.



Саратон
22.06 - 23.07

Аввали ҳафта масъалаи муҳиме, ки кайҳо баҳри ҳаллаш майна об мекардед, худ аз худ ҳал мешавад. Даромади пулӣ табъатонро болида месозад. Бо хариду фурӯши хона, мошин ва дигар чизҳои гаронбаҳо машғул шуданро маслиҳат намедиҳем.



Асад
23.07 - 22.08

Дар коргоҳатон мушкилиҳои вобаста ба ахборе, ки шумо медонед, сар мезананд. “Даҳони пӯшида сад танга” гуфтаанд. Тамоми сирру асрори медонистаатонро пинҳон доред худро зери хатар нагузоред. Вазъи иқтисодиатон рӯ ба беҳбудӣ мениҳад.



Сумбула
23.08 - 22.09

Ба зиндагии хушбахтонаи шумо хатаре таҳдид намекунад, ба шарте, ки бо амалу рафтори беандешаи худ коратонро худатон дӯлоб накунед. Рӯзи панҷшанбе зарурати харҷи маблағи калон пеш меояд. Маблағро боақлона сарф намоед.



Мизон
25.09 - 22.10

Агар давоми ҳафта серҳаракаттар бошед, тамоми нақшаҳоятонро амалӣ хоҳед кард. Табъи хуш боиси ривоҷ гирифтани коратон дар тамоми самтҳои зиндагӣ хоҳад гашт. Дар муносибату шиносиҳои ошиқона боақлона рафтор бояд кард.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ин ҳафта дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти шахсиатон дар назар аст. Шояд ҷои зистро иваз намоед. Рӯзи душанбе андаке маблағ ба дастатон мерасад. Ин пул барои таъмини маишати зиндагиатон басанда аст, агар қасрҳои афсонавӣ сохтанӣ нашавед.



Қавс
25.11 - 21.12

Ҳафта бо серташвишиаш сари калобаатонро гиҷ мекунад. Озурда набошед, зеро кӯшишу меҳнататон рӯзҳои наздик самар меорад. Бобарор анҷом додани як амалиёт дар коргоҳатон ҳам обрӯи шуморо дар коллектив меафзояду ҳам даромади хуби пулӣ ба даст меоред.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Дар коргоҳатон рӯйдодҳои хуб ва манфиатовар дар назар аст. Баланд шудани маош айни ҳол дар назар нест, вале ҳамин ки роҳбариятро бо кордониатон қоил намудед, дурри мақсуд ба каф меояд. Дар ҷодаи ишқу муҳаббат бошад, ғайбату бухтон думболагиратон мегардад.




Далв
21.01 - 19.02

Дар ин ҳафта ба касе рози дил накарда, хомӯшона аз пайи амалӣ намудани нақшаю лоиҳаҳои худ гардед. Барои ҳалли масъалаҳои тиҷоратӣ ва пул кор кардан айёми хуб аст, аз фурсати мувофиқу хандаи бахту тақдир боақлона истифода баред.



Ҳут
20.02 - 20.03

Аввали ҳафта ба даст омадани пул аз эҳтимол дур нест. Кори зодагони бурҷи ҳут дар тиҷорат низ барор хоҳад гирифт. Аммо дар робита бо шариконе корӣ эҳтиёткор бояд буд. Агар дили онҳоро ба даст биёред, соҳиби хонаю мошин хоҳед шуд.



КИРМИ РӮДА

Чор роҳи осони раҳоӣ аз он

Писарчаи панҷсолаам кирми рӯда дошт. Чанд маротиба табобат кардем, вале кирмҳо боз пайдо шуданд. Акнун кирм ба духтарчаам ҳам гузаштааст. Мегӯянд, ки кирм ақли кӯдакро заиф ва зеҳнашро кунд менамояд. Илтимос, ягон роҳи аз кирмҳо халос шуданро бигӯед.

ЗУЛФИЯ, шаҳри Душанбе

ПОСУХ :

Мутаассифона, шумо нагуфтаед, ки фарзандонатон кадом намуди кирмро доранд. Табобат бо дарназардошти намуди кирм ба роҳ монда шавад, натиҷаи беҳтар медиҳад. Ба ҳар сурат, ба шумо чанд давоеро тавсия медиҳем, ки барои тамоми намудҳои кирм ба қавле «аҷал» ҳастанд.

Якум. Муддати даҳ рӯз ҳар саҳар пеш аз субҳона ба ҳар як фарзандатон як қошуқи калон тухми каду ва 1-2 дона сир диҳед. Пас аз як соат ба кӯдакон доруи исҳоловар додан лозим аст, то кирмҳои мурда резанд.

Дуюм. Лимӯ кирмкуш аст. Ҳар рӯз як дона лимӯро бо пӯсташ аз турбтарошак гузаронед ва ба зарфе гирифта, аз болояш каме обу як қошуқ асал андохта, монед то шаб истад. Шабона, пеш аз хоб ин даворо ба бачаҳоятон диҳед.

Сеюм. Садбарги куҳӣ, ки рангаш сафед буда, бӯйи муаттар дорад, барои аз кирмҳо халос шудан давои беҳтарин аст. Як қошуқ барги гули садбаргро дар зарфе андохта, аз болояш 100 грамм оби ҷӯшидагӣ резед ва монед як соат истад. Ба кӯдакон рӯзе 3-4 маротиба ин гулоброро бинӯшонед, ҷонашон аз кирмҳо халос мешавад.

Чорум. Барги шафтолуро кӯфта, оби онро ба пахтаи тоза гирифта, аз қафо ба мақъади кӯдак гузоред, аз хорише, ки бо сабаби кирм сар мезанад, раҳоӣ хоҳад ёфт.

ЧАНД ФОИДАИ МЕВАИ ХУШК



Ҳамаи меваҳои хушк рӯдаҳоро тоза мекунанд. Барои муаммои ҳозима олуи сиёҳ ва туршак аз ҳама хуб аст. Онҳоро ба рӯйхати хӯрокҳо (меню) бештар дохил мекунанд, то ҳазмро тезонад. Дигар меваҳои хушк низ нахи зиёд доранд, себ, нок, анҷир, мавиз, хурмо барои қабзият фоиданоканд.

ОБДАРМОНӢ

Давои диабети қанд ва фишорбаландӣ маълум шуд

Ҳар саҳар баъди бедор шудан 4 истакон (800 мл) оби ширгармро ба дили наҳор нӯшед. Баъди нӯшидани он то 45 дақиқа ҳеҷ хел обакӣ ё ки таом истеъмол накунед.



Баъди ноништа, пеш аз истеъмоли ҳар гуна таом ду соат аввал худи ҳамин тавр 4 истакон оби ширгарм нӯшед. Бемороне, ки баъди нӯшидани об азият мекашанд, то он даме, ки узвҳо одат мекунанд (вақтро камтар, масалан баъди 1 соат), таом истеъмол кунанд.

Дар зер давомнокии муолиҷа бо об барои беморони зерин тавсия шудааст:

- давои касалиҳои диабети қанд (30 рӯз);

- бемороне, ки фишори хунашон баланд аст (30 рӯз);

- касалиҳои меъда (10 рӯз);

- барои табобати касалиҳои саратони гуногун (9 моҳ);

- касалиҳои сил, менингит (6 моҳ);

- қабзият, дарди шикам (10 рӯз);

- касалиҳои вобаста бо роҳҳои пешоб, гурда (10 рӯз);

- касалиҳои гӯш, гулӯ ва бинӣ (20 рӯз);

- бемориҳои гуногуни дил (30 рӯз);

- дарди сар (3 рӯз);

- камхунӣ (анемия) (30 рӯз);

- фарбеҳӣ (4 моҳ);


- фалаҷ, эпилепсия (9 моҳ);

- астма (4 моҳ).

ДИЛБОХТАИ ПАНҶАКЕНТИ ҚАДИМ

Шароф Қурбонов - бостоншиносе, ки хоки шаҳри қадимро ғалбер кардааст

Яке аз бостоншиносони арзидаи кишвар номзади имҳои таърих, ходими калони илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ Қурбонов Шароф Файзуллоевич мебошад, ки дар таҳқиқи як қатор ёдгориҳои бостоншиносии кишвар саҳми арзанда дошта, барои омода намудани мутахассисони самти хеш пайваста дар талош мебошад.



Шароф Қурбонов 15-уми марти соли 1957 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шуда, ҳанӯз аз замонҳои мактабхонӣ ба бостоншиносӣ рағбати калон дошт. Солҳои 1968-1970 дар маҳфили "Бостоншиноси ҷавон" таҳти роҳбарии бостоншиноси варзидаи тоҷик Абдуллоҷон Исҳоқӣ ширкат вазида, аз таърих ва фарҳанги моддии гузаштагони халқи тоҷик баҳравар мегашт.

Пас аз хатми факултети таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (1981-1986) ва аспирантураи шуъбаи бостоншиносии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон (1986-1989) ҳамчун ходими хурди илмии Институти таърих, бостоншносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш (1989-1996) фаъолият намуда, пас аз хатми аспирантура ва ҳимояи рисолаи номзадӣ (1999) фаъолияти илмии худро дар самти бостоншиносӣ ва педагогӣ идома медиҳад.

Қурбонов Ш. Ф. аслан рисолаи номзадии хешро дар мавзуи "Ёдгориҳои замони антиқаи болооби Зарафшон" дифоъ намуда бошад ҳам, дар ҳафриётҳои мухталифи кишвар бо ҳамкасбони ватанӣ ва хориҷӣ ширкат варзидааст. Аз ҷумла, дар ёдгориҳои бостоншиносии замонашон гуногун, ба монанди Тали Хамтуда, Мустафотеппа, Холиқназар, Саразм, Панҷакенти Қадим, шаҳраки Санҷаршоҳ дар шаҳру деҳоти Панҷакент, мавзеи Дашти Усто Обиди назди деҳаи Урметани ноҳияи Айнӣ, Қалъаи Ҳисораки ноҳияи Куҳистони Мастчоҳ ва ғайра ширкат варзида, барои дарки масоили мухталифи таъриху фарҳанги гузаштагони ин сарзамин саҳм гузоштааст. Натиҷаҳои фаъолияти илмии эшон дар зиёда аз 85 мақолаву монография дарҷ ёфтаанд, ки дар дохил ва хориҷи кишвар ба нашр расидаанд.

Яке аз муҳимтарин самти фаъолияти бостоншинос Ш. Ф. Қурбонов таҳқиқи Панҷакенти Қадим мебошад. Бояд хотирнишон намуд, ки устод ҳанӯз аз замони макабхонӣ дар ин ёдгории беназири кишвар фаъолият намуда, беш аз 40 сол аст, ки хоки Панҷакенти Қадимро аз диди илмӣ "ғалбер" мекунанд. Феълан, Панҷакенти Қадимро касе дар сатҳи эшон наомӯхтааст. Ш. Ф. Қурбонов қабатҳои мадании ин шаҳрро дар сатҳи зарурии таҷрибавӣ ва назариявӣ дарк мекунанд. Қисмати шарқӣ ё қад-қади девори муҳофизатии шарқии Панҷакенти Қадим, ки мо бостоншиносон онро соҳаи 26-ум мегӯем, то соли 2016 мавриди пажуҳиши Шароф Қурбонов қарор дошт. Дар ин давра зиёда аз 65 ҳуҷраҳои хусусияташон гуногун кушода шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти Шароф Қурбонов дар ин қисмати шаҳри қадима нишон дод, ки шаҳр дар асри 7-8-и мелодӣ ба як марҳилаи ташаккули фарҳанги моддии худ расида буд. Аз соли 2017 ин ҷониб аз ҷониби устод соҳаи бостонии 30-юмро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, ки он дар қисмати ғарбии шаҳр ҷойгир буда, бо бозёфтҳои нодири худ диққати муҳаққиқони маданияти Суғдро ба худ ҷалб мекунад.

Самти дигари фаъолияти Ш. Ф. Қурбонов проблемаи ҳифзи ёдгориҳо ва ташкили осорхонаҳои кушод дар ҳудуди онҳо буд. Таҷрибаи консерватсияи кӯшк дар мавзеи бостоншиносии шаҳраки Санҷаршоҳ қобили таваҷҷуҳ аст. Чунин усули нигоҳдории ёдгорӣ, ки аз хишти хом бунёд ёфтааст, бори аввал дар қаламрави Тоҷикистон истифода шудааст.

Дар ҷодаи бостоншиносӣ Ш. Ф. Қурбонов А. Исоқов, Б. И. Маршак ва В. И. Распоповаро устодони хеш шуморида, имрӯз худ устоди як қатор донишандӯзону унвончӯёни ҷавон мебошад. Устод аз ҳисоби донишҷӯёни риштаи таърихи Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ва имкониятҳои бостоншиносии болооби Зарафшон барои омода намудани кадрҳои ҷавон пайваста кӯшиш менамояд. Имрӯз шогирдони ҷавони эшон Абдураҳмон Пулотов, Фирӯз Аминов, Алишер Ҷумъақулов, Саидшоҳи Сангалӣ, Муҳаммаҷон Юсупов ва дигарон дар самтҳои гуногуни бостоншиносӣ ва омӯзиши таърихи ватанӣ фаъолият доранд.

Бостоншиноси варзида Шароф Қурбонов имсол ба синни мубораки 65 расиданд. Умри дароз, тансиҳативу хотирҷамъӣ ва кашфиётҳои нави илмии эшон орзуи мо - шогирдон аст.

Абдураҳмон ПУЛОТОВ,
Фирӯз АМИНОВ,
кормандони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

НИҲОЛИ ДУШМАНӢ БАР ДИЛ НАКОРЕД!

Файзалӣ Шарифзода 9-уми майи соли 1938 дар деҳаи Дектури ноҳияи Балҷувон таваллуд шудааст. Хатмкардаи факултаи таърих ва забону адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории шаҳри Кӯлоб аст. Солиёни зиёд дар соҳаи маориф фаъолият намуда, дар ноҳияҳои Фархору Балҷувон директори мактаб ва мактаб-интернатҳо буд. Соли 2002 ба нафақа баромад. Чун ба адабиёт ишқу алоқа дошт, даврони пириро бо шеъру адаб пайваст. Китоби назму насраш зери таҳрири шоираи шинохта Шаҳрия таҳти унвони "Шарораи хотираҳо" аз чоп баромад. Чанд дубайтии ӯро пешкаши ҳаводорони шеър мекунем.

Сухан хуб аст, агар дил мекунад шод,
Ҳама ғамро барад аз қалби ношод.
Сухан оғози дунёи ману туст,
Сухан ҳастии моро карда бунёд.

Бинои зиндагӣ зебанда бошад,
Варо гар як зани арзанда бошад.
Ҳамеша сӯйи ин сон хонавода,
Гули хуршеди нав тобанда бошад.

Худоё, аз дилам ғамро бадар кун,
Ба чашмони накӯ бар ман назар кун.
Ҷалолу қудрати ту мепарастам,
Шабони тори моро чун саҳар кун.

Аё модар, ту эъҷози Худоӣ,
Ту лоиқ бар ҳама мадҳу саноӣ.
Садои гарми модар дилнишин аст,
Ба ҳар дарди дили ман бас давоӣ.

Ниҳоли душманӣ бар дил накоред,
Ҳамеша дасти ҳамдигар бидоред.
Агар бар душмании ҳам бикӯшед,
Шумо дар зиндагонӣ хору зоред.

Ватан бар сӯйи мо бикшода оғӯш,
Шукуфта боз гулҳои сиягӯш.



Баҳорон мерасад бо домани гул,
Дили мо мӯсафедон мезанад ҷӯш.

Барои аҳли маънӣ шеър гӯям,
Ҳазорон вожаи хушрӯ биҷӯям.
Дар ин давре ки аслаш бевафоист,
Вафо аз дидаи мардум биҷӯям.

Тӯӣ, эй Тоҷикистон, обрӯям,
Замини гулфишони пурнумӯям.
Ту ҳастӣ боиси хушҳолии мо,
Ватан, эй гоҳвори орзуям.

Тақвими ТОҶИКИСТОН

17 ИЮН

ЭМОМАЛӢ АЗИМОВ (1952), 65-солагии зодрӯзи генерал-майори адлия.

ШАМСУЛЛО ИСМОИЛОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои филологӣ, профессор.

САЪДИХОН МУРТАЗОЕВ (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи фалсафа.

18 ИЮН

МИХАИЛ СВЕТАЕВ (1907-1982), 115-солагии зодрӯзи композитор, оҳангсоз, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

ШУҲРАТ АШУРОВ (1962), 60-солагии зодрӯзи бастакор, Ходими шоистаи фарҳанги Тоҷикистон.

РУСТАМ ШУКУРОВ (1967), 55-солагии зодрӯзи журналист.

19 ИЮН

САЙЁРА МУҚИМОВА (1972), 50-солагии зодрӯзи доктори илми меъморӣ.

МАВҶУДА ИСОЕВА (1942), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

МИХАИЛ ПОСНИКОВ (1927-1992), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

ХАЙРУЛЛО УСМОНОВ (1912-1989), 110-солагии зодрӯзи журналист, Кормандии шоистаи маданияти Тоҷикистон.

20 ИЮН

ҲАБИБ САФАРОВ (1932-2006), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор, Арбоби шоистаи илми ҷумҳурӣ.

МУБОРАКШОҲ МАХШУЛОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

ОДИНА АЗИМӢ (1952-2000), 70-солагии зодрӯзи шоир.

21 ИЮН

ЮСУФҶОН РАУФОВ (1902-1985), 120-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

АБДУЛБОҚӢ НУРОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

ҶӮРА ЮЛДОШЕВ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

22 ИЮН

ҲАКИМ НЕЪМАТОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи физикаю математика.

МИХАИЛ ДЯКОНОВ (1907-1954), 115-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

23 ИЮН

БӮРИБОЙ ПАРПИЕВ (1947), 70-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

АМОНУЛЛО ОРИФОВ (1932-1983), 90-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО,
кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД.
Тел: 221-00-84

PRESSA.TJ
Сомонаи нашрияи ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ҶОМИ ОСИЁ

ТОҶИКИСТОН БОРИ АВВАЛ БА ФИНАЛ РОҲҲАТ ГИРИФТ

Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2023 дар гуруҳи “F” бо 7 имтиёз зинаи аввалро соҳиб шуд ва ба даври финалии ин мусобиқа роҳ ёфт.



Шогирдони Петр Сегрт дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2023, ки дар Бишкеки Қирғизистон баргузор шуд, дар ду бозӣ пирӯзӣ ба даст оварданд ва як бозиро мусовӣ анҷом доданд. Дар бозии аввал бо дастаи мунтахаби Мянмар футболбозони Тоҷикистон 4 голи бечавоб заданд. Ду голро Шервонӣ Муҳаббатшоев, як голии дигарро Манучеҳр Ҷалилов ва Эҳсони Панҷшанбе заданд. Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар бозии дуюм Сингапурро шикаст дод. Голи ягонаи ин бозиро Шервонӣ Муҳаббатшоев зад.

Дастаи мунтахаби Қирғизистон низ дар ду бозии аввал бо Сингапур (2:1) ва Мянмар (2:0) пирӯз шуд ва бо 6 имтиёз ва таносуби камтари тӯбҳо баъд аз Тоҷикистон дар зинаи дуюм қарор гирифт.

Ҳама чиз бояд дар даври охир дар бозии Қирғизистону Тоҷикистон ҳал мешуд, аммо пеш аз оғози ин бозӣ маълум шуд, ки ин ду даста ба даври финалӣ роҳ ёфтаанд. Дар бозии байни дастаҳои Фаластин ва Филиппин фаластиниҳо бо натиҷаи 4:0 пирӯз шуданд ва Тоҷикистону Қирғизистон новобаста аз натиҷаи бозии даври охир ҳаққи иштирок дар марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиёро ба даст оварданд.

Бо вуҷуди ин бозии байни дастаҳои Тоҷикистону Қирғизистон пуршиддат ҷараён гирифт ва ҳарду даста барои пирӯзӣ мубориза бурданд, зеро ғолиб дар ҷадвал ҷойи аввалро соҳиб мешуд. Ин бозӣ бе задани гол анҷом ёфт ва Тоҷикистон бо 7 имтиёз аз ҷойи аввал ба финали мусобиқа роҳ ёфт.

Қисмати ниҳоии Ҷоми Осиё аз 16-уми июн то 16-уми июли соли 2023 ба нақша гирифта шудааст. Қарор дар бораи дар кучо баргузор шудани Ҷоми 18-уми Осиё дар ҷаласаи Кумитаи иҷроияи Конфедератсияи футболи Осиё рӯзи 17-уми октябр қабул мешавад. Ин мусобиқа бояд дар Чин баргузор мешуд, аммо ин кишвар ба далели пандемии коронавирус аз мизбонии он даст кашид.

Аз шаш гуруҳи марҳилаи интихобӣ ғолибон ва 5 дастаи ҷойи дуюми гурӯҳҳо, ки натиҷаи бехтар доранд, ба марҳифаи финалии Ҷоми Осиё-2023 роҳхат гирифтанд. Инҳо дастаҳои Ҷопон, Сурия, Қатар, Кореяи Ҷанубӣ, Австралия, Эрон, Арабистони Саудӣ, АМА, Чин, Ироқ, Уммон, Вйетнам, Лубнон, Урдун, Фаластин, Ӯзбекистон, Таиланд, Ҳиндустон, Ҳонконг, Баҳрайн, Малайзия, Тоҷикистон, Қирғизистон ва Индонезия ҳастанд.

ШИНОВАРӢ

ШИРКАТИ ДУ ВАРЗИШГАРИ ТОҶИК ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН



Варзишгарони тоҷик дар Чемпионати 19-уми ҷаҳонии варзишҳои обӣ, ки аз 18-уми июн то 3-юми июл дар шаҳри Будапешти Маҷористон баргузор мешавад, ширкат мекунанд.

Тоҷикистонро дар чемпионати ҷаҳон Екатерина Бордачева ва Фахриддин Мадкамов бо роҳбарии сармураббӣ Екатерина Измайлова намояндагӣ мекунанд.

Чемпионат соли 2021 дар Фукуокаи Ҷопон ба нақша гирифта шуда буд, вале пас аз мавқуф гузошта шудани Бозиҳои олимпии Токио ба соли 2021 ба соли 2022 гузаронида шуд. Бо вуҷуди ин, дар моҳи январи соли 2022 эълон гардид, ки чорабинӣ дар Фукуока бо далели паҳн шудани “Omicron” ва чорабиниҳои пандемӣ дар Ҷопон бори дуюм ба соли 2023 мавқуф гузошта мешавад.

7-уми феврали соли 2022 Федератсияи байналмилалии шиноварӣ (FINA) эълон кард, ки Будапешт мизбони чемпионати ғайринавбатӣ аз 18-уми июн то 3-юми июли соли 2022 хоҳад буд.

Будапешт бори дуюм аст, ки Чемпионати ҷаҳонии варзишҳои обиро мизбонӣ мекунад. Чорабинӣ 5 сол пеш, соли 2017 дар пойтахти Маҷористон баргузор шуда буд.

Дар умум, варзишгарон барои 74 маҷмуи медалҳо дар панҷ намуд - шиноварӣ, шиноварӣ дар оби кушод, ҷаҳиш ба об, шиноварии синхронӣ ва тӯббозӣ дар об нерӯ месанҷанд.

ФУТБОЛ

ДАСТАИ УМЕДИ ТОҶИКИСТОН УМЕДҲОРО БАРБОД ДОД

Дастаи мунтахаби олимпии футболи Тоҷикистон (U-23), ки дастаи умеди кишвар аст, бо роҳбарии иҷрокунандаи вазифаи сармураббӣ Аслиддин Ҳабибуллоев бозиҳояшро дар марҳилаи финалии Ҷоми Осиё-2022 дар Ӯзбекистон бо нокомӣ анҷом дод.

Дастаи умеди Тоҷикистон дар Ҷоми Осиё бе ҳузури як қатор бозигарони калидӣ, ки дар ихтиёри дастаи мунтахаби асосии кишвар дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2023 қарор доштанд, натавонист ба дарвозаи ҳарифон гол занад.

Дастаи ҷавонони кишвар (U-23) дар марҳилаи финалии Ҷоми Осиё-2022 дар гуруҳи «D» се бозӣ анҷом дода, дар ҳар се дидор аз дастаҳои олимпии Арабистони Саудӣ (0:5), АМА (0:2) ва Ҷопон (0:3) мағлуб шуд.

Ҳамин тариқ, аз гуруҳи «D» дастаҳои Арабистони Саудӣ ва Ҷопон ба даври чорякфинал баромаданд.

Дар чорякфинали Ҷоми Осиё миёни дастаҳои ҷавонони то 23-сола Ӯзбекистон бо Ироқ, Австралия бо Туркманистон, Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷопон ва Арабистони Саудӣ бо Ветнам вохӯрданд. Дастаҳои Ӯзбексистон, Австралия, Ҷопон ва Арабистони Саудӣ ба даври нимфинал баромаданд.

ҶУДО

БЕҲРӮЗ ХОҶАЗОДА БА МАЙДОНИ НАБАРД БАРГАШТ



Ҷудокори маъруфи кишвар Беҳрӯз Хоҷазода пас аз захм бардоштану ду соли муолиҷа дубора ба майдони набард бозгашт. Дар ин бора шабакаи «Варзиш» бо истинод ба Федератсияи ҷудои кишвар хабар медиҳад.


Яке аз мақсадҳои асосии Хоҷазода иштирок дар мусобиқоти ҷаҳонӣ мебошад, вале ба хотири тағйири баъзе қоидаҳо дар Федератсияи байналмилалии ҷудо шахсоне метавонанд дар мусобиқаи ҷаҳонӣ иштирок кунанд, ки соҳиби имтиёзҳои муайян бошанд. Хушбахтона, дар Гранд Слеми Улан-Батор ҷудокорон метавонанд соҳиби имтиёзҳои олимпӣ гарданд. Гуфта мешавад, Федератсияи ҷудои кишвар номи ӯро дар барнома ва нақшаҳои таҳиякардааш шомил кардааст, аз ин рӯ, Хоҷазода имкон дорад дубора аз худ дарак диҳад.

БОЗИҲОИ ДУЮМ ДАР БАЛИИ ИНДОНЕЗИЯ БАРГУЗОР МЕШАВАД

Ассотсиатсияи кумитаҳои миллии олимпӣ (ANOC) ва Кумитаи олимпии Индонезия эълон карданд, ки Балӣ Бозиҳои дуюми соҳилии ҷаҳонро аз 5 то 12-уми августи соли 2023 мизбонӣ хоҳад кард.

Пас аз Бозиҳои соҳилии ҷаҳон, аз 13 то 15-уми августи соли 2023 дар ҷазираи Индонезия, ҳамчунин Ассамблеяи XXVII-уми генералии ANOC доир мегардад.

Пас аз бомуваффақият доир кардани аввалин нашри бозиҳо соли 2019 дар Доҳаи Қатар, Бозиҳои соҳилии ҷаҳон бори дигар имкони пайваст шуданро тавассути намудҳои нави варзиш, ситораҳои нав ва насли нави дӯстдорони варзиш фароҳам меорад.



Дар Доҳа-2019 беш аз 1200 варзишгар аз 97 кумитаи миллии олимпӣ рақобат карданд ва ширкати мушобеҳи варзишгарон ва кумитаҳои олимпӣ соли оянда дар Балӣ дар назар аст.

Бозиҳо ҷашни варзишҳои соҳилӣ ва обӣ буда, дарҳ намуди варзиши барномаи асосӣ - акватлон, ҳендболи соҳилӣ, футболи соҳилӣ, тенниси соҳилӣ, волейболи соҳилӣ 4×4, тӯббозӣ дар оби соҳилӣ, гӯштини соҳилӣ, катаи инфиродӣ, инчунин 2 намуди варзиши аз ҷониби Кумитаи тадорукоти бозиҳо пешниҳодшуда - кейтбординг ва шиноварии кушод ба масофаи 5 км-ро дар бар мегирад.

PRESSA.TJ
САМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ШАКАРХАНД

Корманди хуб

Санавбат ба Лола занг зада, мегӯяд:

- Лола, дар кучоӣ? Шеф туро як соат боз мекобад.

Лола дар ҷавоб мегӯяд:

- Ба шефамон гӯй, ки корманди хубро ёфтан душвор аст!

Мактаби мусиқӣ

Шавҳар ба занаш мегӯяд:

- Латофат, ба фикрам, ту дар мактаби мусиқӣ таҳсил кардай?

Зан дар ҷавоб:

- Ман ягон хел мактаби мусиқиро нахондаам!

Шавҳар мегӯяд:

- Ин тавр бошад, барои чӣ ҳар рӯз консерт нишон медихӣ?

Дарк

Пиразане аз дугонааш мепурсад:

- Ҳамин ту фаҳмида метавонӣ, ки дар дунё чӣ гапу корҳо шуда истодааст?

Дугонааш мегӯяд:

- Ба ту чӣ хел фаҳмонам...

Пиразан гапи дугонаашро бурида, мегӯяд:

- Ман худам ҳам мефаҳмам, вале дарк карда наметавонам.

Тарозуи гӯё

Зан ба назди духтур рафта, мегӯяд:

- Духтур, ба фикрам, ман фарбеҳ шудаам.

Духтур:

- Чаро ин тавр фикр мекунед?

Зан:

- Имрӯз тарозуи гӯё харидаму вазнамро чен кардам.

Духтур:

- Хуш, тарозуи гӯё вазнатонро чанд гуфт?

Зан:

- Тарозу гуфт, ки «илтимос, ба болои тарозу якнафарӣ бароед!».

Дӯзах

Марде ба дӯсташ ҳасрат мекунад:

- Бо шарофати занам ман тақводор шудам.

Дӯсташ ҳайрон шуда, мепурсад:

- Чӣ тавр?

Мард дар ҷавоб:

- То рӯзи тӯямон ман ба вуҷуд доштани дӯзах боварӣ надоштам.

Имконнопазир

Рӯзноманигор аз марде мепурсад:

- Чӣ гуна ба шумо муяссар мегардад, ки ҳама корро дар вақташ иҷро карда, табъатон болида бошад?

Мард мегӯяд:

- Ман бо касе баҳс намекунам.

Рӯзноманигор:

- Охир, ин имконнопазир аст!

Мард мегӯяд:

- Имконнопазир бошад, пас имконнопазир аст.

Нобоварӣ


Падар аз писараш мепурсад:

- Ман ба ту дах дона себ медиҳаму сетояшро гашта мегирам. Дар дасти ту чӣ мемонад?

Писар дар ҷавоб:

- Нобоварӣ...

Таҳияи Нодира РАҶАБОВА



Навбат дар банкоматҳои Душанбе



ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

ДУШАНБЕ - ТОШКАНД: НАРХИ ЧИПТАИ ҚАТОРА ЧАНД АСТ?

Шуруъ аз 20-уми июн роҳи оҳани Тоҷикистону Ӯзбекистон кушода мешавад ва қатораи аввалин ҳам ба роҳ мебарояд. Мехостам донам, ки нархи чиптаи қатора аз Душанбе ба Тошканд ва баръакс чанд сомонӣ аст?

Мадина НОДИРОВА,
шаҳри Душанбе



Нархи чиптаи қатораи Душанбе-Тошканд, ки қарор аст 20-уми июн миёни Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳаракат кунад, аз ҷониби Роҳи оҳани Ӯзбекистон муайян шудааст. Хадамоти матбуотии Роҳи оҳани Ӯзбекистон дар такя ба Ҳусниддин Ҳосилов - як масъули ин ниҳод нархи чиптаро эълон кард.

"Қимати роҳкиро аз 381,4 ҳазор сӯм (тақрибан 35 доллар) оғоз шуда, қимати он вобаста ба замони хариди чипта фарқ мекунад",- хабар медиҳад хадамоти матбуоти Роҳи оҳани Ӯзбекистон.

Маълум аст, ки қатораи рақами 301/302 21 соат дар роҳ буда, дарозии маршрут 916 километр мебошад.

Он аз шаҳрҳои Ӯзбекистон - Қаршӣ, Самарқанд, Ҷиззах ва Гулистон ва шаҳру навоҳии вилояти Суғди Тоҷикистон мегузарад.

Поездҳои мусофирбарӣ рӯзҳои душанбе аз Душанбе ҳаракат карда, рӯзи сешанбе соати 13:43 ба вақти маҳаллӣ вориди пойтахти Ӯзбакистон мешаванд.

Аз Тошканд ҳамин қатора дар ҳамон рӯз соати 16:15 ба самти муқобил ҳаракат карда, нимаи дуюми рӯзи чоршанбе ба Душанбе бармегардад.

Барои ҳамлу нақл 10 вагон, аз ҷумла як вагон-ресторан, 4 купе ва 5 курсии чудошуда пешбинӣ шудааст. Билетро аз хазинаи роҳи оҳан ё аз яке аз ду сомонаи роҳи оҳани Ӯзбекистон харидан мумкин аст.

Ёдовар мешавем, ки ташаббуси эҳёи иртиботи роҳи оҳан миёни кишварҳо аз ҷониби раисиҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷараёни сафараш ба Тошканд дар мулоқот бо Шавкат Мирзиёев, президенти Ӯзбекистон рӯзи 2-юми июни соли 2022 эълон шуда буд.